آواز تاجیک

*Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

22 марти соли 2025
Шанбе
№ 24 (15139)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# НЕРЎИ МО ДАР ЯГОНАГӢ ВА ВАҲДАТ, ИҚТИДОРИ МО ДАР МУҲАББАТ ВА САДОҚАТ БА ВАТАН АСТ

**21 март дар боғи «Янги Ўзбекистон»-и шаҳри Тошканд ҷашни Наврўз ба тарзи тантанавӣ баргузор шуд.**





Алҳол доманаи кўҳҳо ва водиҳои сарсабз ҳусни махсус доранд. Ба кишвари азизи мо рамзи эҳёи табиат ва ҳаёти нав – Наврўз расид.

Ҷашн дар тамоми мамлакат дар сатҳи баланд таҳти шиори «Арзишҳоят абадӣ бод, Наврўз!» қайд мегардад ва бо сайру саёҳатҳои мардумӣ идома меёбад. Дар соли равон, ки «Соли ҳифзи муҳити атроф ва «иқтисодиёти сабз» номида шудааст, ҷашни Наврўз ба моҳи шарифи Рамазон рост омад, ки дар қалбҳои мо ҳувиятҳои деринаро бедор мекунад, гўё ба онҳо зиндагии нав эҳдо менамояд.

Иштирокдорони тантана Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёевро бо кафкўбиҳо истиқбол гирифтанд. Роҳбари давлат бо маърўзаи табрикӣ ба халқ муроҷиат кард.

– Соли равон Наврўз дар моҳи муборaки Рамазон дар ҳамоҳангӣ бо суннатҳои муқаддаси он мегузарад, ки ба ҷашн шукўҳи беш аз пеш амиқ мебахшад.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# СУХАНИ ТАБРИКИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ТАНТАНАҲО БАХШИДА БА ҶАШНИ УМУМИХАЛҚИИ НАВРЎЗ

Ассалому алайкум, ҳамватанони азиз!

Собиқадорони муҳтарам, ҷавонони арҷманд!

Хоҳарони меҳрубон, меҳмонони муҳтарам!

Шумо ва тамоми мардуми сермиллати кишварамонро бо ҷашни қадимӣ ва ҳамешаҷавон – Наврўзи олам аз таҳти дил самимона муборакбод менамоям.

Аз истиқболи ин рўзҳои дурахшон дар сулҳу оромӣ бо халқи азизамон ба Офаридгор шукронаи бепоён мегўем.

Наврўзи имсола дар моҳи шарифи Рамазон, дар ҳамоҳангӣ бо фазилатҳои муборaки он идома дорад, ки ин ба ҷашн рўҳияи хоса, файзу футўҳ ва шодмонии дигар мебахшад.

Дар ин рўзҳои файзбор, ки диламон саршори шодӣ аст, бори дигар муъминону мусалмонони кишварамон ва тамоми уммати исломро бо моҳи шарифи Рамазон табрик гуфта, иҷобати ҳама ниятҳои покамонро таманно мекунам.

Ҳамватанонеро, ки дар мамлакатҳои хориҷӣ бо ёди меҳри Модар-Ватан ва пазмонии он умр ба сар мебаранд, аз таҳти дил табрик карда, орзуҳои самимонаи худро баён менамоям.

Чунин рўзҳои бошукўҳ ва файзбор барои ҳамаи мо муборак бошад!

Дўстони азиз!

Наврўзи олам ҷашни бузургест, ки дар таърихи 3000-солаи давлатдории мо бо аҳамияти беҳамтои маънавии худ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор дорад.

Дар бораи ин айёми бемисл он қадар асарҳои илмӣ, таърихӣ ва бадеӣ навишта шудаанд, ки ба маънои воқеӣ шоҳасарҳои ҷовидонаи мероси миллии мо гардидаанд.

Халқи мо дар давоми асрҳо, дар лаҳзаҳои мушкил ва озмоишӣ низ ин ҷашнро бо табиат ва арзишҳои беҳтаринаш ҳифз кардаанд, ки худ як муъҷизаи воқеӣ мебошад.

Нафосати бетакрор, рўҳи инсонпарварона ва фалсафаи амиқи Наврўз дар замони ҷаҳонишавӣ низ аҳли башарро дар ҳайрат мегузорад, ки ин аз моҳияти азалӣ ва неруи ҳаётбахши он гувоҳӣ медиҳад. Бахусус, фазилатҳои наҷиб, чун ҳамоҳангии инсон бо табиату олами ҳастӣ, хоҳиши созандагиву бунёдкорӣ, ғайрату мардонагӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, меҳру оқибат ва саховатмандӣ дар мисоли Наврўз равшантар намоён мешавад.

Дар рўзҳои наврўзӣ деҳқонони мо ба андешаи ризқу рўзӣ, фаровонии дасторхони мо, ба Модар-Замин меҳр бахшида, бо нияти ба даст овардани ҳосили фаровон камари ҳиммат мебананд.

Ба ин маънӣ, дар фармудаҳои ниёи мо Мир Алишери Навоӣ **“Деҳқон, ки дона пошад, бо кишти он, роҳи ризқро боз менамояд”** мазмуни амиқи ҳаётӣ нуҳуфта аст.

Дар ин лаҳзаҳои баҳорӣ, ки дар дили мо завқи меҳнат ва эҷод, бедорӣ ва эҳё меафзояд, ба деҳқон ва фермерони ҳунарманд, боғбон ва чорводоронамон эҳтироми махсуси худро изҳор мекунам.

Бешубҳа, рўҳи бузурги бунёдкорӣ бо мазмуни воқеӣ ва ғояҳои накўи ислоҳоти бузург ва тағйироти назаррас, ки дар Ўзбекистони Нав амалӣ мегарданд, ҳамоҳанг мебошад.

Имрўз дар мамлакати мо дар роҳи арҷ гузоштан ба қадри инсон, таҳкими тамоюлҳои адолати иҷтимоӣ, афзунсозии даромад ва беҳсозии сатҳи зиндагонии аҳолӣ қадамҳои устувор гузошта мешаванд.

Дар мамлакат маҷмааҳои муосири саноатӣ, шабакаҳои инфрасохтор ва логистика, роҳҳои нақлиёт ва оҳан бунёд мегарданд. Соҳаҳои тиҷорат, технологияҳои иттилоотӣ ва сайёҳӣ босуръат рушд мекунанд. Ҳазорон иморат, манзилҳои истиқоматӣ, кўдакистон ва мактаб, боргоҳҳои таълими олӣ, беморхона, масканҳои фарҳангӣ ва варзишии нав қад рост мекунанд. Намои шаҳру деҳот, тамоми кишварамон торафт зебову обод мегардад.

Дар мамлакат дар доираи лоиҳаи умумимиллии “Макони сабз” фазои нави экологӣ офарида мешавад. Арзишҳои бузурги экологӣ ва фарҳангӣ, чун ҳамасола шинонидани миллионҳо бех ниҳол, бунёди боғҳои сабзу хуррам, ҳифзи олами ҳайвонот ва истифодаи самараноки ҳар як ваҷаби замин ба ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти ҳаррўзаи мо табдил меёбанд.

Бовар дорам, ки корҳои бузурги мо дар доираи Барномаи давлатии “Соли ҳифзи муҳити зист ва «иқтисодиёти сабз” ин равандҳоро ба марҳилаи нави рушд мебароранд.

Тавре маълум аст, мардуми мо аз қадим Наврўзро “сари сол” меномиданд. Мо ҳам чун ниёи худ дар ин рўзи фараҳбахш ниятҳои накў мекунем: Соли нави шарқонаи мо муборак биёяд, дарёҳоямон пур аз об ва анборҳоямон пур аз ҳосил гардад!

Бигзор, бинокорони созанда, устоду мураббиёни азизу муътабар, шифокорони фидокор, соҳибкорони боғайрат, ки такягоҳи иқтисодиёти мо мебошанд, посбонони ватанамон доим сиҳҳату саломат бошанд!

Мақсадҳои олӣ ва нақшаҳои бузурге, ки пеши худ гузоштаем, комилан амалӣ шаванд.

Ҳамватанони муҳтарам!

Наврўз ҷашни ҷавонӣ ва шуҷоат аст. Ҳамаи мо шоҳиди онем, ки ҷавонони мо, ки ба ҳаёт бо орзуву умедҳои нек қадам мениҳанд, ба неруи пешбарандаи Ўзбекистони Нав табдил меёбанд.

Дар саросари ҷаҳон акси садо ёфтани ҳаракатҳои устувору мардонаи фарзандони боазму шуҷоат, боистеъдодамон моро бениҳоят хурсанд мекунад.

Имрўз корхонаҳои баландтехнологии мамлакатамонро асосан ҷавонони заковатманд ва соҳибихтисоси мо идора мекунанд.

Маҳз писару духтарони боақлу идрок, боғайрат ва кордони мо ба рушди соҳибкорӣ неру ва шиддати нав мебахшанд.

Сарбозу афсароне, ки доим дар сарҳадҳоямон ҳушёранд, ҷавонмардони далеру диловари мо мебошанд.

Ҷавонон дар соҳаҳои илму фан, фарҳанг, адабиёт ва санъат шаъну шарафи Ватани моро барои ҷаҳониён дучанд мекунанд.

Дар баланд гардидани шўҳрати ҷаҳонии кишварамон варзишгарони ҷавони мо нақш ва саҳми хоса доранд.

Шаъну шараф ба чунин насли ҷавон бод, ки ба халқи мо аз ҳар ҷиҳат муносибанд!

Фарзандони азизам, вақти он расидааст, ки шумо дар осмони Ватанамон чун ситораҳои дурахшон нур пошед. Дар роҳи ин ҳадафи бузург барои шумо Абдухолиқ Ғиҷдувонӣ, Баҳоуддини Нақшбанд, Мирзо Улуғбек, Зулфияхонум, Озод Шарофиддинов, Абдулло Орипов барин мутафаккирон, ки маҳз дар фасли Наврўз ба дунё омадаанд, намунаи воқеии ибрат мебошанд.

Барои ба натиҷаҳои амалӣ табдил додани имкониятҳои бузурги кишварамон, пайваста ҳаракат кунед!

Дар куҷо набошед, дар кадом соҳа кор накунед, ба арзишҳои миллӣ, ҳувият, ба Ватанамон сазовор ва содиқ бошед!

Ҳеҷ гоҳ фаромўш накунед, ки дар паси шумо як халқи бузурги қариб 38 миллионнафара ва Президент қарор дорад.

Ба шумо доим омад ва зафар ёр бошад!

Муҳтарам иштирокдорони ҷашн!

Сеҳр ва ҷозибаи беназири Наврўз, пеш аз ҳама, дар ҷашнвораҳои мардумӣ ва тантанаҳои идона, ки дар тақрибан нуҳуним ҳазор маҳаллаи мо баргузор мешаванд, ифодаи худро меёбад.

Нақш ва нуфузи сохтори маҳалла дар ҳаёти мо, ки дар худ анъанаҳои ҳазорсола ва арзишҳои муосири моро таҷассум кардааст, торафт меафзояд.

Бахусус, дар худи маҳалла ҳал кардани мушкилот ва масъалаҳои гуногун самара ва натиҷадории ислоҳоти моро бамаротиб зиёд мекунад.

Зеро вазифаҳои аз ҳамдигар муҳим, аз қабили тарбияи ҷавонон, таъмини оромӣ, коҳиши нодорӣ, ҷалби аҳолӣ ба соҳибкорӣ, таҳкими ҳифзи иҷтимоӣ ва фаъолнокии занон, экология ва ободонӣ тавассути “ҳафтгонаи маҳалла” ҳалли самараноки худро меёбанд.

Тавре аён аст, имсол дар мамлакати мо интихоботи раисони маҳаллаҳо гузаронида мешавад.

Бовар дорам, ки халқи мо дар ин раванди бомасъулият барои ҳамватанони фидокор ва ватанпарвари мо овоз медиҳанд.

Рушди ҳамаҷонибаи маҳаллаҳо минбаъд низ дар маркази диққати мо қарор хоҳад дошт.

Аз фурсат истифода бурда, ҳамаи ҳамватанонамон, фаъолони маҳаллаҳоро бо **Рўзи кормандони сохтори маҳалла**, ки фардо – 22 март дар мамлакатамон васеъ таҷлил мегардад, самимона табрик мекунам, дар фаъолияти бошарафи онҳо комёбиҳои бузург таманно менамоям.

Ҳамватанони азиз!

Наврўз аз қадим рамзи барҷастаи садоқати мардуми мо ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ғояҳои фароҳдилӣ, дўстӣ ва ҳамкории воқеӣ мебошад.

Ин айём барои намояндагони тамоми миллат ва халқиятҳои мамлакати мо ба иди маҳбуб, ба маънои аслиаш ба ҷашни умумихалқӣ табдил ёфтааст.

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахш ба тамоми халқамон муроҷиат карда гуфтаниам: **неруи мо – дар ваҳдат ва ҳамҷиҳатӣ, иқтидори мо – дар меҳр ва садоқат ба Ватан, дастоварди мо – дар эътимоди бузург ба имкониятҳоямон мебошад!**

(Давомаш дар саҳ.2).

# МУБОРАКБОДИҲОИ САМИМӢ

***Ба муносибати фаро расидани яке аз қадимтарин ҷашнҳои баҳорӣ дар таърихи башарият – Наврўз, ки рамзи эҳёи табиат, оғози зиндагии нав ва таҷдид мебошад ва чунин хислатҳои хоси халқи сермиллати моро, аз қабили меҳрубонӣ, шафқат, таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ нисбат ба наздикон, созандагӣ, эҳтироми замини аҷдодӣ ва муҳити зист инъикос мекунад, ба номи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон табрикоти самимии роҳбарони давлатҳо ва ҳукуматҳои хориҷӣ, роҳбарони созмонҳои байналмилалӣ ва шахсиятҳои шинохтаи ҷамъиятӣ мерасанд.***

***Дар паёмҳои худ шарикони хориҷӣ ба сулҳу оромӣ, рушди устувор ва фазои дўстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамсоягии некро, ки дар кишвари мо ҳукмфармост, баҳои баланд дода, афзоиши бемайлони нуфузи Ўзбекистонро дар арсаи байналмилалӣ, ки бо сиёсати хориҷии сулҳҷўёна ва прагматикӣ ноил гардидааст, махсус таъкид мекунанд. Онҳо инчунин таманниёти самимии худро барои шукуфоии Ўзбекистони Нав изҳор медоранд.***

**Ба Аълоҳазрат Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Табрикоти самимии маро ба муносибати иди баҳории Наврўз бипазиред.

Муносибатҳои Русия ва Ўзбекистон дар рўҳияи шарикии стратегӣ ва иттифоқӣ бо муваффақият рушд мекунанд. Итминон дорам, ки бо талошҳои муштарак минбаъд низ рушди фаъолонаи робитаҳои дуҷонибаи муфидро ба нафъи халқҳои дўсти мо ва ба манфиати таҳкими амнияту субот дар Осиёи Марказӣ идома хоҳем дод.

Аз самими қалб ба Шумо, муҳтарам Шавкат Миромонович, дар ин рўзи пурнури идона тандурустии бардавом ва комёбиҳо, ба тамоми шаҳрвандони Ўзбекистон саодат ва шукуфоӣ таманно дорам.

Бо эҳтиром,

**Владимир ПУТИН,**
**Президенти Федератсияи Русия**

***

**Ба Аълоҳазрат Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Ба муносибати иди анъанавии халқи ўзбек – Наврўз аз номи Ҳукумат ва мардуми Чин ба Шумо, Ҳукумат ва мардуми Ўзбекистон, табрикоти самимии худро ирсол медорам.

Наврўз, ки решаҳои он ба таърихи ҳазорсола мерасанд, рамзи фаро расидани баҳор ва эҳёи табиат буда, ҳамзамон орзуи мардуми ўзбекро барои зиндагии хушбахт, ваҳдати миллӣ ва шукуфоии давлат инъикос мекунад.

Дар ҷараёни мулоқоти гарму дўстонаи мо дар ҳошияи Саммити СҲШ дар Остона дар моҳи июли соли гузашта, мо ба мувофиқаҳои муҳим дар бораи рушди минбаъдаи муносибатҳо ва ҳамкориҳои Чину Ўзбекистон дар соҳаҳои гуногун расидем ва самтҳои нави ҳамкориҳои дуҷонибаро муайян кардем.

Хушҳолам, ки ин мувофиқаҳо бо муваффақият амалӣ шуда, ҳамкориҳои мутақобилан судманди миёни кишварҳоямон пайваста таҳким меёбанд ва натиҷаҳои назаррас ба бор меоранд.

Ман ба рушди муносибатҳои Чину Ўзбекистон аҳамияти калон медиҳам ва дўстии амиқи моро баланд арзёбӣ мекунам.

Омода ҳастам, ки бо Шумо якҷоя кўшишҳо ба харҷ диҳам, то ҳамкориҳоро дар ҳама соҳаҳо густариш дода, сохтмони ҷомеаи сарнавишти ягонаи Чину Ўзбекистонро бо мундариҷаи бой пурра гардонем.

Аз фурсат истифода бурда, ба Шумо, Аълоҳазрат, тандурустии бардавом, саодати оилавӣ ва дар фаъолияти пурмасъулияти давлатӣ комёбиҳо орзу менамоям ва ба мардуми дўсти Ўзбекистон сулҳ, рушди минбаъда ва шукуфоӣ таманно дорам.

Бо эҳтиром,

**Си СЗИНПИН,**
**Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин**

(Давомаш дар саҳ.2).

# СУХАНИ ТАБРИКИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ТАНТАНАҲО БАХШИДА БА ҶАШНИ УМУМИХАЛҚИИ НАВРЎЗ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид чун ҷашни байналмилалӣ эътироф гардидани Наврўз ба мо мамнунияти хоса мебахшад.

Наврўзи олам ҳоло тамоми миллату халқиятҳо, аз ҷумла, халқҳои Осиёи Марказиро боз ҳам наздиктар мекунад.

Аз фурсати имрўза истифода бурда, тамоми инсонҳои некиродаро, ки дар минтақаи паҳновари мо умр ба сар мебаранд, аз номи халқу кишварамон самимона табрик менамоям.

Бигузор минтақаи мо, ки ба маънои аслӣ ба макони дўстӣ, бародарӣ ва ҳамкорӣ табдил меёбад, ҳамеша орому осуда, доим шукуфон бошад!

Дар ин маврид мехоҳам ба зиёиёни муҳтарам, намояндагони илму фарҳанг, санъат ва адабиёти минтақаамон муроҷиат карда, бигўям:

Дўстони азиз, агар шумо бо истеъдоду заковати беҳамтои худ асарҳое эҷод кунед, ки бародарии абадии мо, арзишу анъанаҳои муштарак ва ормонҳои наҷибамонро тараннум созанд ва дар тарбияи ҷавонон дар ин рўҳия саҳм гузоранд, халқи мо, албатта, аз шумо миннатдор мешаванд.

Бешубҳа, чунин намунаҳои мукаммали эҷодӣ дар замони пурхатари имрўза барои халқи мо, бахусус наслҳои наврасамон, чун сипари мустаҳками маънавӣ хидмат хоҳанд кард.

Охири ҳамин моҳ дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ баргузор гардидани вохўрии сеҷонибаи сарони Ўзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон, итминон дорам, ки дар таҳкими муносибатҳои некҳамсоягӣ боз як қадами амалӣ мегардад.

Аз фурсат истифода бурда, муҳтарам сафирони давлатҳои хориҷӣ, намояндагони ҳама ҳайатҳои дипломатӣ ва ташкилоти байналмилалиро, ки дар ҷашни имрўза иштирок доранд, бо **Рўзи байналмилалии Наврўз** самимона табрик мекунам.

Ба мамлакат ва халқҳои Шумо саломи дўстонаи худро ирсол медорам.

Ҳамватанони муҳтарам!

Дар ин лаҳзаҳои фаромўшнопазир ва зебо, Шумо, азизон, ҳамаи ҳамватанонамонро боз як бор бо ҷашни Наврўз табрик мекунам!

Ба ҳар як хонадон, ба тамоми мамлакат оромӣ, бахту саодат ва файзу баракат таманно менамоям!

Арзишҳоят поянда бод, Наврўз!

Иди Наврўз муборак, дўстони азиз!

# НЕРЎИ МО ДАР ЯГОНАГӢ ВА ВАҲДАТ, ИҚТИДОРИ МО ДАР МУҲАББАТ ВА САДОҚАТ БА ВАТАН АСТ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Дар ин рўзҳои муборак, дар замоне, ки қалбҳоямон аз хурсандӣ саршоранд, мо бори дигар мусалмонони мамлакат, тамоми уммати исломро бо моҳи шарифи Рамазон табрику таҳният мегўем, мехоҳем орзуву омоли неки онҳо ҷомаи амал пўшанд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Президент ҳамчунин ба ҳамватаноне, ки дар хориҷ зисту зиндагӣ доранду дар қалбҳои хеш муҳаббати Ватанро мепарваранд, самимона муборакбод кард.

Таъкид шуд, ки Наврўз ҷашни бузургест ва дар таърихи сеҳазорсолаи давлати мо бо суннатҳои нодири маънавии худ мақоми махсус дорад. Ҳусни нотакрори он, инсонпарварӣ ва фалсафаи амиқи ҷашн тамоми оламиёнро, ҳатто дар шароити ҷаҳонишавӣ ба ваҷд овардааст, ки аз нирўи зиндагисози он гувоҳӣ медиҳад.

Рўҳи бунёдгарона, ки махсуси Наврўз мебошад, бо моҳият ва мақсадҳои неки ислоҳоти васеъмиқёс ва тағйироти ҷиддие, ки дар Ўзбекистони Нав амалӣ мешаванд, ҳамоҳанг мебошанд. Мамлакат бо роҳи таҳкими равандҳои адолат, баланд бардоштани дараҷаи ҳаёт ва даромади аҳолӣ, арҷгузорӣ ба шаъну шарафи инсон боэътимодона пеш меравад.

Дар тамоми ҳудудҳо маҷмўъҳои замонавии саноатӣ, иншооти инфрасохтор ва логистикӣ, хона ва муассисаҳои нав – аз кўдакистон то мактабу муассисаҳои олӣ, беморхонаҳо, иншооти маданӣ ва варзишӣ бунёд мешаванд. Шаҳр ва деҳот тораф обод мегарданд.

Дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» муҳити нави экологӣ ташаккул меёбад. Барномаи давлатии «Соли ҳифзи муҳити атроф ва «иқтисодиёти сабз» миқёси ин саъю кўшишҳоро вусъат мебахшад.

Президент ҳамчунин ба мавзўи сиёсати ҷавонон дахл карда, таъкид сохт, ки ҷавонон тораф нирўи бузурги созандагии Ўзбекистони Нав мегарданд. Комёбиҳои писарону духтарони боистеъдоду боғайрате, ки ба рушди нуфузи мамлакат дар арсаи байналхалқӣ мусоидат менамоянд, таъкид гардид.

– Писарон ва духтарони азизи ман, фурсате расид, ки шумо иқтидору имкониятҳои худро барои шукуфоии Ватан беш аз пеш татбиқ намоед. Хастанопазирона меҳнат кунед, тамоми нирўи худро ба он сафарбар намоед, ки имкониятҳои азими кишвари мо ба натиҷаҳои воқеиву амалӣ табдил ёбанд! Ҳамеша дар хотир дошта бошед, ки тақрибан 38 миллион мардум аз шумо умедҳои бузург доранд. Ман ҳамчун Президент барои он ки ҳар кадоми шумо дар ҳаёт мақоми сазовори худро пайдо кунад, тамоми имкониятҳои худро сафарбар менамоям, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар сайру гаштҳои мардумии маҳаллаҳо муҳити махсуси ҷашн эҳсос мегарданд. Низоми маҳалла ба тарбияи ҷавонон, таъмин сохтани эътидол, коҳиш додани нодорӣ, рушди соҳибкорӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, таҳкими нақши бонувон, ҳифзи муҳити атроф ва ободонӣ тораф бештар ва фаъолонатар таъсир мегузорад.

Президент аз имконият истифода бурда, фаъолони мақомоти худгардонро бо ҷашни касбии онҳо – Рўзи ходимони маҳалла, ки 22 март қайд карда мешавад, самимона муборакбод кард.

Наврўз ҷашни маҳбуби тамоми миллат ва халқиятҳои кишвари мо гардид. Вобаста ба ин Президент ба тамоми халқ муроҷиат кард:

– Нирўи мо дар ягонагӣ ва ваҳдат, иқтидори мо дар муҳаббат ва садоқат ба Ватан, комёбиҳои мо ба эътимод нисбати имкониятҳои худ мебошад!

Ба шарофати моҳияти гуманистиаш Наврўз аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҷашни байналхалқӣ эътироф гардид, ки он тамоми мамлакат ва халқҳо, аз ҷумла Осиёи Марказиро муттаҳид менамояд. Ба ин маънӣ мулоқоти сеҷонибаи сарони Ўзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки дар Хуҷанди бостонӣ охири моҳи март баргузор хоҳад шуд, қадами навбатии амалӣ дар роҳи некҳамсоягӣ ва ваҳдат мегардад.

Президент сафирони давлатҳои хориҷӣ ва намояндагони ҳайатҳои дипломатӣ ва созмонҳои байналмилалиро, ки дар тантанаҳо ширкат доранд, муборакбод кард ва ба халқҳои онҳо салому паёмҳои гарми худро изҳор дошт.

Ҷашн бо консерти бузурге, ки дар он баробари ҳунарпешагони Ўзбекистон иҷрогарони машҳур аз Озарбойҷон, Қирғизистон, Туркманистон, Қазоқистон, Туркия ва Тоҷикистон баромад карданд, идома ёфт.

Боғи «Янги Ўзбекистон» дигаргун гардид: майдончаҳои он бо гул ва парчамҳои рангоранг оро ёфтанд. Дар ҳама ҷо муҳити ҳамдилӣ ҳукмрон буд.

Президент бо намоишгоҳи марказҳои миллӣ-маданӣ ва рангорангии ғании фарҳангии мамлакат ва баромади ҷамоаҳои фолклориву этнографӣ шинос шуд.

Сайру саёҳатҳои ҷашнӣ дар сар то сари мамлакат идома доранд. Деҳқонон тухми фаровонии оянда ва дасторхони сероби халқи моро кишт мекунанд. Дар маҳаллаҳо чорабиниҳои ободонӣ ва бунёдкорӣ фаъолона баргузор мешаванд.

**Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,**
**мухбири ЎзА.**

# МАРКАЗИ ОФИЯТ ВА МУТОБИҚСОЗИИ БОНУВОН, ЯЪНЕ ЧӢ?

***Барои шиносоӣ бо фаъолияти Маркази ҳудудии офият ва мутобиқсозии бонувони вилоят ба роҳбари он Нозигул Раҳимова муроҷиат кардем. Директор хабар дод, ки сохтмони бинои нави марказ дар арафаи анҷомёбист. Аз сабаби барои санҷиш омадани намояндагони идораҳои дахлдор Нозигул Икромовна хеле серкор буд. Ў дар ин ҷо танҳо як моҳ пеш раҳбар таъин шудааст. Ба мо лозим омад, ки то фурсат пайдо кардани ў бо кормандони пуртаҷрибаи марказ Нафиса Қодирова ва Дурдона Раҳимова суҳбат кунем.***

Мақсади асосии бахши бухороии Маркази ҷумҳуриявии офият ва мутобиқсозии бонувони назди Агентии миллии ҳимояи иҷтимоӣ аз таъмин намудани иҷтимоишавӣ, ташкил кардани хидматрасонии иҷтимоӣ, психологӣ, ҳуқуқӣ ва хидматҳои дигар ба занону духтароне иборат аст, ки аз тазъиқ ва зўроварӣ ҷабр дидаанд, ба ҷони худ қасд кардаанд ё ки ба қасдкунӣ моиланд.

Ин марказ вазифадор шудааст, ки ба занону духтарон ва фарзандони ноболиғи онҳо ба тарзи ниҳонӣ хидматҳои иҷтимоӣ, рўҳӣ, ҳуқуқӣ расонад, инчунин ташкили хидматҳои тиббӣ, педагогӣ ва ғайраро ба роҳ монад, барои таъминсозии кафолатҳои ҳуқуқии занону духтарон ва фарзандони ноболиғи онҳо кумак расонад, бобати аз ҷониби мақомоти давлатӣ, идораҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ омўхтани ҳолатҳои ба ҷони худ қасдкунии занону духтарон, пешгирӣ намудани чунин ҳолатҳо, инчунин ба ҳаёти меъёрӣ баргардондани онҳо ёрӣ диҳад. Ғайр аз ин омўхтан, таҳлил ва ҷамъбаст намудани вазъиятҳои муноқишавӣ, хулқу атворе, ки боиси сар задани зўроварӣ ва майл ба худкушӣ мешаванд, бахри аз байн бардоштани онҳо таҳия намудани таклифҳо, гузаронидани тадбирҳои профилактикӣ бо занон ва духтароне, ки аз тазъиқ ва зўроварӣ ҷабр дидаанд, ба ҷони худ қасд кардаанд ва ё ба худкушӣ моиланд, низ кори марказ аст.

Ба касбу ҳунаромўзӣ равона кардани занону духтароне, ки шароити мураккаби иҷтимоӣ доранд, аз ҷумла ба онҳое, ки ба муаммоҳои оилавӣ, тазъиқу зўрӣ дучор шудаанд, кумак расондан, бо мақсади муайян кардани муаммоҳои ҷиддии иҷтимоӣ омўхтани фикри ҷамоат ва созмон додани тадқиқоти иҷтимоӣ, ба амал баровардани тарғиботу ташвиқот бобати пешгирӣ кардани тазъиқ ва зўроварӣ, боло бардоштани маданияти ҳуқуқии занону духтарон, бо ин мақсад истифода аз воситаҳои ахбори оммавӣ ва шабакаҳои интернетӣ ҳам аз ҷумлаи вазифаҳои марказ мебошад.

**– Тартиби ба марказҳои ҳудудии офият ва мутобиқсозии бонувон ҷалб кардани бонувони ба тазъиқ ва зўроварӣ гирифторшуда чӣ гуна сурат мегирад?**

– Бинобар қарори Президент аз 10 майи соли 2024 «Дар бораи чораю тадбирҳои иловагӣ оид ба такмил додани хидматрасонии иҷтимоӣ ба шахсони аз тазъиқ ва зўроварӣ ҷабрдида» ин чораён ба тарзи зерин амалӣ мегардад: ҳолати тазъиқ ва зўроварӣ ба занону духтарон дар асоси муроҷиатҳое, ки аз тариқи телефони рақами «102»-и қисми навбатдории мақомоти корҳои дохилӣ расидааст, аз ҷониби кормандони идораи корҳои дохилӣ ба қайд гирифта мешавад.

Аз замоне, ки ҳолати тазъиқу зўроварӣ ё хавфи сарзании он муайян мегардад, дар давоми 24 соат бояд ин амалҳо иҷро шаванд, бо иштироки фаъоли занону духтарон ва инспектори профилактикаи маҳалла бо шахси содиркардаи тазъиқ ва зўроварӣ суҳбат гузаронда мешавад, аз ҷониби инспектори профилактика ордери ҳимоя таҳия меёбад, занон ё духтарони аз тазъиқу зўроварӣ ҷабрдида ва фарзандони онҳо дар шуъбаҳои қабули таъҷилии беморхонаҳои марказии ноҳия (шаҳр) нигоҳ дошта мешаванд, ордерҳои ҳимояи таҳияёфта ва маълумот оид ба шахсони ҷабрдида ба марказҳои «Инсон» тавассути низоми ахбори «Ҳифзи ягонаи иҷтимоии миллӣ» бо тартиботи вақти реалӣ фиристода мешавад.

Занону духтароне, ки ба тазъиқ ва зўроварӣ гирифтор шудаанд, ба ҷони худ қасд кардаанд, ё ки хавфи худкушӣ доранд, инчунин фарзандони ноболиғи онҳо бо мақсади беҳтарсозии ҳолати ҷисмонию рўҳиашон дар палатаҳои кумакрасони махсуси шуъбаи қабули таъҷилӣ дар муддати се шабонарўз нигоҳ дошта мешаванд, ба онҳо ёрии аввалини тиббӣ – рўҳӣ, психотерапевтӣ расонида, ҳолаташон оид ба бемориҳои сирояткунанда бо усули таҳлилҳои лабораторӣ санҷида мешавад. Эшон баъди се рўзи муолиҷа дар шуъбаҳои қабули таъҷилӣ мувофиқи хулосаи духтури шуъба ва ордери иҷтимоӣ дар марказҳои ҳудудӣ ҷойгир карда мешаванд. Марказҳои ҳудудӣ то 6 моҳ барои занону духтарони ҷабрдида ва фарзандони ноболиғи онҳо чун сарпаноҳи муваққатӣ хидмат мекунанд.

**– Ҳоло дар маркази ҳудудии офият ва мутобиқсозии бонувони вилоят шароит ва вазъи корҳо чӣ гуна аст?**

– Тавре ки таъкид шуд, мо ҳоло дар бинои мазкур муваққатан иқоранишинем, – гуфт директор. – Мо, кормандони маркази ҳудудӣ, ҳафт нафарем. Автомобили хидматии «Дамас» дорем. Маркази мо дар як вақт то 20 нафар занону духтарони ҷабрдидаро бо кўдакони ноболиғашон ба бар гирифта метавонад. Ҳоло дар ин ҷо 6 нафар бонувон бо 7 нафар фарзандонашон ҷойгир шудаанд. Хонаҳо бо телевизор, кондитсионер, душ ва ҷиҳозҳои зарурӣ таъминанд, китобхона амал мекунад. Дар марказ хидмати ҶММ «Аутсортинг» ба роҳ монда шуда, бонувон ва фарзандони онҳо се маҳал бо хўроки гарм таъмин мегарданд. Ҳамаи хароҷот аз ҳисоби давлат аст. Фарзандони бонувони ин ҷо мувофиқи синну солашон ба мактаби рақами 29-уми шаҳр ва муассисаи таълими томактабӣ ҷалб шудаанд. Ба онҳо автомобили хидматӣ хидмат мерасонад. Бонувони хоҳишмандро бо кор таъмин месозем. Марказ аз ҷониби хидматчиёни «Гвардияи миллӣ» шабу рўз посбонӣ карда мешавад.

**– Баъди ба марказ омадан ҳаёти минбаъдаи бонувон чӣ мешавад?**

– Баъзеи онҳо баъди як моҳи ин ҷо омадан, баъзеи дигар дертар бо оилаи худ муросо намуда, ба ҳаёти муқаррарӣ бармегарданд. Ин ҳолат дар аксарият, тақрибан 90 фоизи бонувон рух медиҳад. Заноне низ ҳастанд, ки баъди дар шаҳр пайдо кардани ҷойи кор ин ҷо мондаанд. Баъди аз маркази ҳудудӣ рафтани бонувони ҷабрдида рўзгори онҳо аз ҷониби мутасаддиёни дахлдор (маҳалла, маркази иҷтимоии «Инсон»...) назорат карда мешавад.

Азбаски марказ ҷойи пўшидаасту ба шахсияти бонувони ҷабрдида дахолат кардан имкон надошт, мо аз вохўрӣ бо онҳо худдорӣ намудем. Муҳим он аст, ки рўзгори чунин занон аксар ҳангом таҳти ғамхориҳои инсонпарваронаи давлат рў ба беҳбудӣ меорад.

Рўдакии бузург қариб 1200 сол муқаддам гуфтааст:

*Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,*
*Бар кўру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.*
*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.*

Тавре ки мебинем, ҳоло дар рўзгор нақши мардӣ ва ҳимматбаландиро худи давлат мебозад ва ба фитодагон дасти ёрӣ дароз мекунад. Ин пуштибониҳо ба дарди дармондагон дармон шуда, боиси баланд гардидани сари хамгаштаи онҳо мешаванд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# МУБОРАКБОДИҲОИ САМИМӢ

***(Аввалаш дар саҳ.1).***

***

**Ба Аълоҳазрат Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Аз номи мардуми Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Шумо ва тамоми мардуми Ўзбекистонро бо иди Наврўз табрик мегўям. Ин ид рамзи сулҳ, шукуфоӣ ва таҷдид барои ҳамагон мебошад.

Ман ба муносибатҳои устуворе, ки байни кишварҳоямон ташаккул меёбанд, баҳои баланд медиҳам ва барномаи пайгиронаи ислоҳоти Шуморо истиқбол менамоям. Бо бесабрӣ интизори идомаи ҳамкориҳои муштарак дар роҳи густариши робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ ва ҳалли бузургтарин мушкилоти замони муосир ҳастам.

Дар роҳи расидан баояндаи шукуфон миллатҳои бузурги мо ҳамоно пеш мераванд ва Иёлоти Муттаҳида ҷонибдори устувори соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Ўзбекистон боқӣ мемонад.

Наврўз муборак!

Бо эҳтиром,

**Доналд ТРАМП,**
**Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Салом, раҳмат ва баракоти Аллоҳ бар Шумо бод.

Мо хушҳолем, ки ба Аълоҳазрат табрикоти самимӣ ва таманниёти некўтаринро ба муносибати ҷашни Наврўз ирсол намуда, ба Шумо сиҳатмандии комил ва хушбахтӣ, ба ҳукумат ва мардуми бародари Ўзбекистон пешрафту шукуфоии минбаъдаро таманно намоем.

Бо эҳтироми амиқ,

**Салмон бин Абдулазиз ОЛ САУД,**
**Подшоҳи Арабистони Саудӣ**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Салом, раҳмат ва баракоти Аллоҳ бар Шумо бод.

Барои ман мояи ифтихор аст, ки ба Аълоҳазрат табрикоти гарму самимӣ ва таманниёти беҳтаринро ба муносибати ҷашни Наврўз ирсол намуда, ба Шумо сиҳатмандии комил ва хушбахтӣ, ба ҳукумат ва мардуми бародари Ўзбекистон пешрафт ва шукуфоии минбаъдаро орзу намоям.

Бо эҳтироми амиқ,

**Муҳаммад бин Салмон бин Абдулазиз ОЛ САУД,**
**Валиаҳд, Раиси Шўрои Вазирони Арабистони Саудӣ**

***

**Ба Аълоҳазратҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам ҷаноби Президент, бародари азиз!

Шумо, Аълоҳазрат ва мардуми дўсти Ўзбекистонро самимона ба муносибати ҷашни Наврўз, ки рамзи эҳёи табиат, бедории замин ва таваллуди умедҳо мебошад, табрик мегўям.

Анъанаи чандинасраи Наврўз ба мо имкон медиҳад, ки боз ҳам аҳамияти сулҳ, бародарӣ ва ҳамбастагиро ба ёд оварем. Орзу дорам, ки Наврўз хушхабарро дар бораи таваллуди умеди сулҳ дар тамоми ҷаҳон оварад ва роҳҳои нави муколама ва ҳамкории байналмилалиро боз намояд. Мустаҳкам намудани риштаҳои дўстӣ ва бародарии амиқи решадор миёни кишварҳоямон ва рушди минбаъдаи ҳамкорӣ аз орзуҳои самимии мост дар ин соли нав.

Ба муносибати ин рўзи фархунда ба Аълоҳазрат сиҳатмандии комил, хушбахтӣ ва ба мардуми бародари Ўзбекистон сулҳ, осоиштагӣ ва шукуфоиро таманно мекунам.

**Реҷеп Тайип ЭРДОҒАН,**
**Президенти Ҷумҳурии Туркия**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Шумо ва тамоми мардуми бародари Ўзбекистонро бо ҷашни бузурги мардумӣ – Наврўз самимона табрик мегўям!

Ин ҷашни дурахшон кишварҳои моро бо анъанаҳои қарнҳои дўстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтиром пайванд дода, ҳамчунин рамзи таҷдиду эҳёи табиат мебошад. Дар ин рўзи тантанавӣ бигзор мардумонамон дар талоши ваҳдат ва шукуфоӣ муттаҳид гарданд.

Ман комилан мутмаинам, ки арзишҳои муқаддаси ҷашни Наврўз ба рушди минбаъдаи робитаҳои байнидавлатии мо, ноил гардидан ба ҳадафу вазифаҳои олӣ ба манфиати мардумонамон мусоидат хоҳанд кард.

Дар ин рўзи фархунда, муҳтарам Шавкат Миромонович, ба Шумо сиҳатмандии комил, нерўи бепоён, осудагии хонаводаатон ва ба мардуми бародари Ўзбекистон сулҳ ва шукуфоиро таманно мекунам.

Бо таманниёти нек,

**Қосим-Ҷомарт ТОҚАЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Шумо ва тамоми халқи бародари Ўзбекистонро бо ҷашни зебои Наврўз аз таҳти дил муборакбод менамоям.

Ин ҷашни зебову хурсандибахш – рамзи эҳёи баҳории табиат, ваҳдат ва дўстӣ, сулҳу салоҳ ва фаровонӣ аст. Вай анъанаҳои бисёрасринаи дўстӣ ва ҳусни тафоҳумро, ки халқҳои моро пайванд ва муносибатҳои бародаронаро, ки ба таърихи умумии мо асос доранд, мустаҳкам менамоянд, таҷассум мекунад.

Муътақидам, ки ҳамкориҳоямон дар тамоми самтҳо, ки ба эҳтироми тарафайн, эътимод ва шарикии стратегӣ такя мекунанд, минбаъд низ дар сурати саъю кўшишҳои муштарак идома карда, баояндаи дурахшони халқҳоямон мусоидат менамоянд.

Муҳтарам Шавкат Миромонович, иҷозат диҳед ба Шумо саломатии мустаҳкам ва дар фаъолияти давлатиатон комёбиҳо, ба халқи бародари Ўзбекистон сулҳу салоҳ ва пешрафт орзу намоям.

Бо эҳтиром,

**Садир ҶАПАРОВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Хоҳишмандам муборакбодиҳои беҳтарин ва орзуҳои неку самимии моро ба муносибати фарорасии Ҷашни байналхалқии Наврўз қабул фармоед.

Ин ҷашн аз таърихи куҳан, ҳамчун таҷассуми ягонагии мероси фарҳангӣ ва анъанаҳои бисёрасрина дар пояи ғояҳои сулҳ ва амният, некҳамсоягӣ, эҳтиром ва дастгирии тарафайн дар мустаҳкам намудани робитаҳои байни халқҳои мо нақши муҳим мебозад.

Анъанаҳои ҷовидони созандагии Наврўз дар қалбҳои мо саъю кўшишҳои доимиро барои таҳкими минбаъдаи риштаҳои дўстӣ ва ҳамкориҳои тарафайни муфиди халқҳо ва кишварҳои мо бедор мекунад.

Ҷониби Тоҷикистон аз сатҳи кунунии муносибатҳои байнидавлатиаш бо Ўзбекистон дар доираи шарикӣ ва тифоқии стратегӣ қаноатмандии худро изҳор менамояд.

Муътақидам, ки кишварҳои мо бо такя ба суннатҳои олии умумиинсонии ин ҷашни бостонӣ минбаъд низ бобати ғанӣ гардонидани муҳтавои муносибатҳои бисёрҷанбаи худ саъю кўшишҳои муштарак мебаранд.

Дар ин рўзҳои хотирмон ба Шумо саломатии мустаҳкам ва дар фаъолияти масъули давлатии Шумо комёбиҳои нав, ба халқи бародари кишвари Шумо бошад, бахту саодат, фаровонҳолӣ, сулҳу эътидол, пешрафти устувор ва шукуфоӣ орзу мекунам.

Наврўз муборак бод!

Бо эҳтироми бузург,

**Эмомалӣ РАҲМОН,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Ба Шумо ва дар шахси Шумо ба кулли мардуми бародари Ҷумҳурии Ўзбекистон ба муносибати Ҷашни байналхалқии Наврўз муборакбодии самимӣ ва орзуҳои беҳтарини худро ирсол медорам!

Ин ҷашни зебо, ки дар бисёр кишварҳои ҷаҳон васеъ таҷлил мегардад, таҷассуми оғози баҳор ва эҳёи табиат аст. Ҷашни Наврўз дар таҳкими муносибатҳои некҳамсоягии байни халқҳо ва маданиятҳои мухталиф нақши калидӣ мебозад. Ин ҷашни зебо рамзи умедворӣ, илҳом ва таҳкими эҳсоси инсондўстона дар олами кунунӣ ба шумор меравад.

Бигузор ин ҷашни хотирмон барои Шумо ва тамоми халқи кишвари Шумо боиси хушбахтӣ, хушнудӣ ва комёбиҳои нав бошад!

Бо эҳтироми амиқ,

**Сердар БЕРДИМУҲАМЕДОВ,**
**Президенти Туркманистон**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Аз он хурсандам, ки ба Шумо табрикоти сидқидилона ва орзуҳои беҳтарини худро ба муносибати Ҷашни байналхалқии Наврўз ирсол менамоям!

Ҷашни байналхалқии Наврўз, ки дар рўзҳои эътидоли баҳорӣ таҷлил мегардад, аз ҷумлаи мероси куҳантарини фарҳангии инсоният ба шумор меравад. Ин ҷашни зебо, ки решаҳояш ба ҳазорсолаҳо мерасанд, нафақат тимсоли эҳёи табиат, балки рамзи эҳтироми тарафайн, ҳамзистии осуда, ҳусни тафоҳум ва меҳнатдўстӣ ҳам ба шумор меравад.

Бигузор ин ҷашни зебо барои Шумо ва барои кулли мардуми кишвари Шумо таҷассуми сулҳу салоҳ, хушию хурсандӣ ва тозакориҳо бошад!

Бо эҳтироми амиқ,

**Гурбангулӣ БЕРДИМУҲАМЕДОВ,**
**Сарвари миллии халқи туркман,**
**Раиси Халқ Маслиҳатии Туркманистон**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Бародари азиз

Шумо ва халқи бародари Ўзбекистонро бо ҷашни Наврўз, ки решаҳои амиқи миллӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ дорад, аз таҳти дил муборакбод менамоям.

Ин ҷашн, ки онро инак ду ҳазор сол боз бо завқу шавқ ва хурсандӣ таҷлил менамоянд, таҷассуми бедоршавии замин, эҳёи табиат ва инсоният аст. Бигузор Наврўз барои халқҳои бародари мо муборак бошад ва оғози омолҳои некамон гардад!

Бовар дорам, ки ваҳдати Озарбойҷону Ўзбекистон ба таърихи умумии суннатҳои ғановатманди миллӣ ва маънавӣ, бародарӣ ва ягонагии халқҳоямон такя карда, минбаъд низ бо саъю кўшишҳои мо инкишоф меёбад ва мустаҳкамтар мегардад.

Дар ин рўзҳои ҷашнӣ ба Шумо ва оилаи Шумо сиҳҳату саломатии мустаҳкам, бахту саодат ва дар фаъолиятатон ба манфиати Ҷумҳурии бародарии Ўзбекистон ва халқи он комёбиҳо орзу мекунам.

Бо эҳтиром,

**Илҳоми АЛИЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Шумо, Волоҳазрат ва кулли мардуми кишвари Шуморо бо ҷашни бузург ва бостонии Наврўз, ки таҷассуми бедории табиат, орзуву умед баояндаи нек ва оғози соли нави 1404 мувофиқи солшумории ҳиҷрӣ ба шумор меравад, самимона, аз таҳти дил муборакбод менамоям.

Баҳор ин нуқтаи эътидол дар табиат ва фурсати накўӣ, ягонагӣ ва навсозӣ аст.

Умед мекунам, ки дар соли нави шамсӣ мо шоҳиди тағйироти хуб дар муносибатҳои байни ду мамлакат ва ҳаёти халқҳоямон мегардем.

Ба Шумо, Волоҳазрат, саломатии мустаҳкам ва комёбиҳо, бахту саодат ва ба халқи Ҷумҳурии Ўзбекистон фаровонҳолӣ, рушди минбаъдаи ҳамкориҳои байни кишварҳои минтақаи фарҳанги Наврўзро орзу дорам.

**Маъсуд ПИЗИШКИЁН,**
**Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон**

***

Котиби генералии Созмони ҳамкории Шанхай **Нурлан ЕРМЕКБАЕВ,** Котиби генералии Созмони давлатҳои туркӣ **Кубаничбек ОМУРАЛИЕВ,** Котиби генералии Созмони ҳамкории иқтисодӣ **Асад Маҷид ХОН** низ муборакбодиҳои худро ирсол доштаанд.

*Муборакбодиҳо идома доранд.*




*Лоиқ ШЕРАЛӢ*

## Ғазали наврӯзӣ

*Эй ғунчаи хандида, Наврӯз муборак бод!*
*Эй чашмаи ҷӯшида, Наврӯз муборак бод!*

*Эй камдили тарсида, аз ишқ фурӯ бигзор,*
*Эй ошиқи шӯрида, Наврӯз муборак бод!*

*Эй шохаи хушкида, имсол ту нашкуфтӣ,*
*Эй пунбаи болида, Наврӯз муборак бод!*

*Эй ёри аламдида, имсол куҷо рафтӣ?*
*Эй ёри писандида, Наврӯз муборак бод!*

*Эй ҳусни барозида, Наврӯз муборак бод!*
*Эй ҷону дилу дида, Наврӯз муборак бод!*

## Хуш омадӣ!

*Аз роҳи гулпӯш омадӣ,*
*Бо сабза ҳамдӯш омадӣ,*
*Эй наварӯс, хуш омадӣ*
*Хуш омадӣ, хуш омадӣ!*

*Аз чашми ахтар омадӣ,*
*Вориди ҳар дар омадӣ,*
*Чун шабнами тар омадӣ*
*Хуш омадӣ, хуш омадӣ!*

*Нав пӯшида ҳар кас ба бар,*
*Гулдухтарон атлас ба бар,*
*Зебочакан, адрас ба бар,*
*Хуш омадӣ, хуш омадӣ!*

*Кӯҳу адир гулпӯш шуд,*
*Дунё баҳорогӯш шуд,*
*Қалби ҳама дар ҷӯш шуд,*
*Хуш омадӣ, хуш омадӣ!*

**Эшонкул ҲАМРОЕВ,**
**омӯзгори мактаби рақами 87-уми ноҳияи Деҳқонобод.**

## ИДИ ҶАҲОНӢ

Наврӯз аввали соли шамсӣ, рӯзи нахустини фарвардинмоҳ аст.

Дар асари безаволи шоири бузург Абдулқосими Фирдавсӣ «Шоҳнома» аз хусуси Наврӯз сухан меравад.

Бино ба маълумоти «Шоҳнома» поягузори ин ҷашни бузург шоҳ Ҷамшед аст.

«Наврӯз дар давраи подшоҳии Куруши Кабир низ ҷашн гирифта мешудааст.

Ин ид дар даврони подшоҳии Аштархониҳо, Сосониҳо, Сомониён пуршукӯҳ мегузашт, шоҳон дар рӯзи Наврӯз саҳнаи махсуси идона ташкил мекарданд, машшоқону мутрибону ҳофизон сурудхонӣ, рақсу ғазалхонӣ мекарданд. Мусобиқаҳои варзишии тирандозӣ, найзабозӣ, гӯштингирӣ, аспдавонӣ, бузкашӣ, чавгонбозӣ ва амсоли ин баргузор мешуданд.

Хон кушода, дар рӯйи он ҳафт навъ ғизоро, ки бо ҳарфи «син» ва «шин» оғоз меёбанд, мегузоштанд.

Бачагон бо бодпаракпаронӣ, чормағзбозию ресмонкашӣ ва ғайра машғул мешуданд, духтарон арғунчакпарӣ мекарданд.

Наврӯз ҳафт рӯз давом мекард. Ҳар рӯз номи ба худ хос дошт.

Дар ин вақт табиат бедор шуда, дар дашту саҳро сабзаҳо медаманд, заминро гулҳои гуногуни наврӯзӣ оро медиҳанд.

Одамон дар ин рӯз хонаафшонӣ карда, ҳавлиро рӯбучин мекунанд. Либосҳои нав мепӯшанд. Ба дашту саҳро ва кӯҳу дара баромада, хурсандӣ мекунанд.

Хешовандон ба муборакбодии ҳамдигар мераванд. Ногапҳо оштӣ мешаванд, дар ин рӯз аз гуноҳони якдигар мегузаранд, ҳамдигарро авф мекунанд.

Деҳқонон бо кишту кори баҳорӣ машғул мешаванд, боғбонҳо ба шинонидани ниҳолу обод кардани боғи нав шуғл меварзанд.

Чорводорон барои чаронидан чорвои худро ба дашту кӯҳ мебаранд.

Наврӯз давраи ишқварзию меҳру муҳаббат низ ҳаст.

Дар ин рӯз фарзандон ба назди падару модар, хешу табор ва беморон мераванд, ҳолпурсӣ мекунанд.

Хулоса, Наврӯз аз идҳои бузург буда, мазмуну муҳтавои некиву накӯкорӣ бародариву баробарӣ, инсонпарвариву инсондӯстӣ дорад.

Ҳоло он ҷашни байналмилалист, 141 мамлакати ҷаҳон Наврӯзро ҷашн мегиранд, хурсандию хушнудӣ мекунанд, орзую нияти неки худро ба ҳамдигар изҳор ва ирсол медоранд.

*Ҳар рузатон Наврӯз бод,*
*Наврӯзатон пирӯз бод.*

**Т. ЮНУСЗОДА,**
*вилояти Самарқанд.*

***Зоҳир Ҳасанзода дар рӯзи муборак, вақте мардум Наврӯзи оламафрӯзро ҷашн мегирифтанд — 21 марти соли 1950 чашм ба олами ҳастӣ боз намудааст.***

***Беш аз се даҳсола аст, ки хонандагони рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Гулобод тонги», «Овози Самарқанд», «Самарқанд», «Ховар» ва дигар нашрияҳои ҷумҳурӣ бо ин ном тавассути хабару мақола, лавҳаю очерк, фелетону гузориш ва ҳикояву қиссаҳои намакинаш ошноянд.***

***Ҳасанзода аз соли 2005 дар рӯзномаи ҷумҳуриявии «Овози тоҷик» ба ҳайси хабарнигор дар вилояти Самарқанд ба кор шурӯъ кардааст. Инак, бист сол аст, ки ин бори пурмасъулиятро бар дӯш дорад.***

***– Дар ҷодаи рӯзноманигорӣ ва нависандагӣ, – мегӯяд Зоҳир Ҳасанзода, – роҳи тайкардаи журналистон Насриддин Зайниев, Абдусалом Муҳаммадиев, Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода, Борис Шеголихин, Нор Остонзода, Аҳмадҷон Мухторов, Акбар Усмонов, адибон Ҳасан Ирфон, Болта Ортиқзода ва Шодон Ҳаниф бароям намунаи ибрат аст.***

***Қиссаву ҳикояҳои намакини Ҳасанзода зери номҳои «Ривояти Оқсой», «Боз баҳор меояд», «Зафар», «Азизи мардум» ва «Бозгашт ба ҳаёт» ба дасти хонанда расидаанд. Соли 2019 дар ҳаёти ӯ ҳодисаи масарратбахше рӯй дод. Ӯро ба узвияти Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон пазируфтанд.***

***Ба қавли Хайём: «Ин қофилаи умр аҷаб мегузарад». Бехабар мондаем, ки бори зиндагӣ бар дӯш, шебу фарози суханро тай намуда, устод Зоҳир Ҳасанзода по ба зинаи муборaки 75-уми умр ниҳодааст. Мегӯянд, ки журналист, нависанда, омӯзгор ҳар қадар солхӯрда шавад, ба он андоза ба камол мерасад. Пас, дар оянда метавон аз устод асарҳои беш аз пеш хонданӣ ва мондагорро интизор шуд.***

***Ҳоло бошад, хотираҳои соҳибҷашнро, ки дидаву саргузашт ва шарҳи ҳоли худро рӯйи коғаз овардааст, ба алоқамандони гиромиаш пешкаш менамоем.***

***Идораи «Овози тоҷик».***

## «ШУКР ГӮЯМ ЗИНДАГИРО БО ҲАМА НЕКУ БАДАШ...»



Бояд бигӯям, ки дар тӯли умри сипаригардида лаҳзаҳои хушу нохушам фаровон буданд, аммо, ба қавле, «шукр гӯям зиндагиро бо ҳама неку бадаш».

Инак, чанд саҳифа аз тарҷумаи ҳоли банда.

Таърихи ба дунё омаданамро боре модаркалонам дар сари дасторхон чунин нақл карда буданд:

– Моҳи марти соли 1950. Мардум ба ҷашни Наврӯз омодагӣ мегирифт. Раҳматӣ падарат, ки дар мактаб омӯзгор буд, баъди дарс ба хона омад. Ман ба ӯ амр кардам, ки зуд аз паси доя шавад – келинро дард гирифтааст. Дере нагузашта Санҷарова ном тоторзанак, ки ҳам ба русӣ, ҳам ба тоҷикӣ омехта ҳарф мезад, аз ман пурсид:

– Дӯмхола, чӣ хидмат? (Дӯм ба маънои раиси деҳшӯро).

– Худованд ба ман набера доданӣ.

– Нағз-ку, – лабханд зад момодоя, – писарча шавад, зиёфат будааст-дия.

– Албатта!

Ҳамон рӯз модарат дугоник – ту ва додаратро ба дунё овард. Ҳамсояҳо барои табрик омаданд.

– Дӯмхола, – гуфт доя, – шумо акнун ду зиёфат қарздор. Зеро келинатон дугоник таваллуд кард.

– Натарсида, ошкоро се зиёфат гуфтан гиред, – маблағеро ба кисаи ӯ андохта гуфт падарат, – ин нарзи дастатон, аз нӯги хамир фатир, хурсандии сеюм имрӯз ид – Наврӯз!

Баъди се рӯз назди имом-хатиби масҷиди ҷомеи Хоҷа Аҳрори Валӣ рафтам, ки ба шумоён ном гузорад.

– Модоме ки падараш Ҳасан ва раҳматӣ амакаш Ҳусейн аст, дар китоб омадааст, ки ба набераҳо Тоҳиру Зоҳир номгузорӣ кунем, – маслиҳат дод домулло.

– Маъқул, – тасдиқ намудам ман.

### Салом, мактаб!

Баъди соҳиби ному насаб шудан ва ба синни мактабхонӣ расидан ташвиши падару модарам зиёдтар шуд. Аз шими куҳнаи қиблагоҳам ду эзорча дӯхтанд. Киф низ аз матои сахт, ки кисачае барои рангдон дошт, тайёр шуд.

Аммо дар арафаи соли хониши нав воқеаи аҷибе рух дод. Падарамро ба яке аз хоҷагиҳои дурдаст котиби ҳизб таъин карданд. Аз сабаби он ки Тоҳир қобил, гаправ, каме лоғару итоаткор буд, бо модаркалонам дар зодгоҳ – деҳаи Хоҷа Аҳрори Валӣ монд, вале ман бо аҳли оила ба Сочак ном маҳаллаи дурдаст рафтем. Дар он ҷо мактаб ба забони ӯзбекӣ будааст, ки ғайр аз ду-се калимаи кӯчагӣ чизе ёд надоштам.

Вақте ба зодгоҳ баргаштем, дар синфи якуми мактаби рақами 16-уми ноҳияи Самарқанд аз сари нав «якумхон» шудам. Тоҳири аълохон, ба қавле «паравоз» буду бояд мани бадхон – «вагон»-ро мекашид, ҳампарта шуд. Ғайр аз тарбияи ҷисмонӣ, ба дигар фанҳо ҳаваси хондан надоштам. Хушбахтона, дар мактаб Толиб, Шамсӣ ном ҳамфикру ҳамдилон буданд, ки мо «сегона» шуда бо «диловарӣ – қаҳрамонӣ» шӯҳраи таълимгоҳ ва зодгоҳ гардидем. Ёд дорам, дар синфи ҳафтум муаллимаи ҷавони сода, зудбовар, ки баъди ба шавҳар расидан бо милаи майдабофт ба дарс меомад, диққати моро ба худ кашид. Мо ӯро маҷбур сохтем, ки мӯяшро кушода исбот намояд, ки сунъӣ нест.

Баъди чунин «корнамоӣ» маро аз мактаб қариб пеш карда буданд, вале омӯзгори фанни адабиёт, шоири зуллисонайн Бердӣ Ҳамроев моро дастгирӣ кард. Гуфт, ки ба тарбияи худ мегирад.

Камина чун аъзои маҳфили «Адабиётчиёни ҷавон» ба асарҳои бадеӣ ва театр дил бастам.

Дилбастагӣ ба каломи бадеъ маро ба факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд овард. Аммо... ба шуъбаи ғоибона қабул шудам.

Соли 1970 баъд аз хидмати ҳарбӣ фаъолияти меҳнатиро дар хоҷагии ҷамоатии «Гулистон» ба сифати сардори звенои ҷавонон оғоз карда, дар саҳро каланд задам, асрори деҳқонӣ омӯхтам.

Албатта, ошноӣ бо адиб ва тарҷумон Ҳасан Ирфон масъулияти маро дар назди сухан афзуд. Чашмҳои Ҳасан Ирфон – «Островскийи тоҷик» хира шуда буданд. Ӯ тарҷумаҳояшро «дикта» мекарду ман ба рӯйи коғаз менавиштам. Соли 1973 устод ба олами бақо реҳлат кард. Маро дертар дар идораи радиошунавонии Самарқанд муҳаррир таъин карданд.

### Бозсозӣ – ошкорбаёнӣ

Замоне бо ташаббуси Горбачёв бозсозӣ оғоз ёфту дар яке аз ҷамъомади ҳисоботӣ-интихоботии ташкилоти ҳизбӣ ба минбар баромада, гуфтам, ки дар ноҳия тоҷик кам нест, аз муҳаррир то посбон ба ин забон ҳарф мезананд, аммо ба тоҷикӣ рӯзномаи ноҳиявӣ надорем. Хуб мешуд аз Панҷакенти ҳамсоя ибрат гирем, ки рӯзномаи онҳо ба ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ интишор меёбад.

Котиби якуми ҳизби вилоят Назир Раҷабов, ки аз Бухорои шариф буд, моро дастгирӣ кард ва аз роҳбарони ноҳия хоҳиш кард, ки ин масъала ҳал гардад. Сармуҳаррири рӯзномаи ноҳия Насриддин Зайниев (руҳашон шод бод!) маро ба сифати масъули саҳифаи тоҷикӣ ба кор гирифтанд.

**(Давом дорад).**

(Давом дорад).

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд, узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон.**

## НАВРӮЗ ВА АНЪАНАҲОИ МАРДУМИИ САРЧАШМА

Аҳолии ин деҳа урфу одат, анъанаҳои неке доранд, ки аз қаъри асрҳо то ба мо расидаанд. Онҳо суннатҳои аҷдоди худро ҳамчун гавҳараки чашм нигоҳ медоранд ва кӯшиш мекунанд, ки онҳоро ба насли оянда ҳамчун мероси гаронбаҳое боқӣ бимонанд. Ҳарчанд солҳои пеш баргузории баъзе маросиму анъанаҳо мамнӯъ буданд, мардум тавонистанд онҳоро ҳифз кунанд. Аз ҷумла, аҳолии Сарчашма номи баъзе анъанаҳои мардумии худро тағйир доданд, вале мазмунро нигоҳ доштанд ва ба ин тартиб мероси аҷдодиро аз нобудшавӣ ҳифз карданд. Чунончи, иди Садаро бо номи «Мазорравӣ» иваз сохтанд. Ҳоло дар деҳа маросимҳои Ҳосил, Ақиқа, Кӯкалгирон, Деги дарвешон ва Оши ҳалим ҳастанд, ки мардум бо камоли майл баргузор менамоянд.

Мӯйсафедони деҳа нақл мекунанд, ки барои гузаронидани маросим ва идҳо ҷойҳои махсус интихоб карда мешуданд. Дар самти ғарбӣ-ҷанубии деҳа, дар поёни боғи ҳозираи Болои Мазор, ки ҷойи хушманзараю хушҳавоест, майдон ва пуштаи васее ҳаст, ки онро Кофартеппа мегӯянд. Дар ин ҷо мардум маросимҳои худро 2 ҳазор сол пеш ҳам мегузаронидаанд. Пас аз тасаллути дини ислом аксарияти ин маросим ва анъанаҳо ҷомаи исломӣ ба бар карда, то ҳол дар байни мардум маъруф ҳастанд. Ин маросимҳо хоси Сарчашма буда, иддае аз онҳо дар деҳоти ҳамсоя гузаронида намешаванд.

Ҷашни Наврӯз дар Сарчашма баъзе тафриқаҳо дорад. Азбаски ин деҳа аз ҷиҳати ҷуғрофӣ аз ҳамсоядеҳаҳои худ Ҳисорак,Тамшуш ва Ғелон фарқ мекунад, таҷлили Наврӯз ҳам вобаста ба он тафовут дорад. Барфи зимистон дар баъзе гӯшаҳои деҳаи Сарчашма то охири моҳи апрел об намешавад ва ҳатто дар моҳи апрел ҳам барф меборад, ки ҷойи шигифтӣ надорад. Аз ҳамин сабаб ҷашни Наврӯз дар деҳаи мо як моҳ давом мекунад. Нахуст маросимҳои «Хонаӯспонӣ», «Ҷуфтбуророн», «Суманакпазӣ», Сустхотун (ин маросим ҳоло гузаронида намешавад) баргузор мегарданд. Маросими «Хонаӯспонӣ» ва «Суманакпазӣ» хоси бонувон аст. Онҳо болои барфи тоза – барфе, ки зимистон борида, сахт шудааст одам дар болояш бемалол ҳаракат карда метавонад, тамоми кӯрпаву кӯрпача, гилему шолчаҳои манзили зистро бароварда паҳн мекунанд ва афшонда дубора дар офтоб мегузоранд. Инро дар деҳа «афтоб додан» меноманд. Тирезаю дари хонаҳоро кушода, ҳаворо тоза мекунанд ва мешӯянду мерӯбанд.

«Ҷуфтбуророн» ҳам аз маросимҳои оғози Наврӯз буда, ба кору бори деҳқонон алоқамандӣ дорад. Дар деҳа аз замони қадим маросими мазкурро хеле пуртантанаю бошукӯҳ ва ба тарзи оммавӣ ташкил мекарданд. Мӯйсафедон нақл мекунанд, ки вақти оғози шудгори заминро пирони кордида (ҳисобдонҳо) ва калоншавандагони деҳа таъин мекардаанд. Тибқи анъана онро рӯзи чоршанбе ё ҷумъа ва ё душанбеи охири моҳи феврал ё ибтидои моҳи март сар мекардаанд. Ба маросими «Ҷуфтбуророн» тамоми аҳли деҳа, занону мардон тайёрӣ медиданд. Баъзеҳо қатлама, рӯйсурхак, нону кулчаҳои қаймоқӣ омода менамуданд. Мардҳо меҳмонхонаю масҷидро тоза ва аз аҳли деҳа палосу кӯрпача ҷамъ оварда, дар онҷо паҳн мекарданд. Пас аз ҷамъ шудани аҳолӣ яке аз куҳансолон дуои хайр мекард. Вай одатан мегуфт: «Кушоиши кор, барака дар касбу кор, тани сиҳҳат, хотири ҷамъ, дили беғам ато кун Парвардигоро! Худо ёр, арвоҳ мадаргор бод. Бобои Деҳқон мадад кунад!» Ҳамин тавр маросим оғоз меёфт. Хӯрокҳоро меҳӯрданду боқимондаашро тақсим мекарданд, то аз савоби он ҳама баҳраманд шаванд. Пас аз он деҳқонон даст ба дуо бардошта, аз шахси саводнок, одатан муллои деҳа, қироати рисолаи деҳқониро хоҳиш мекарданд. Вақте ки хондани рисола ба охир расид, ҳама: «Ба касбу коратон барака диҳад, Бобои Деҳқон мадад кунад», – гӯён садо баланд мекарданд ва ҳамдигарро табрик мегуфтанд.

Рӯзи дигар деҳқонон барзаговҳоеро, ки тамоми зимистон нигоҳубин карда буданд, бароварда яктоӣ нон меҳӯрониданд, ба шоххои онҳо равғани зағир мемолиданд, то ки «чашми бад» нарасад. Инчунин барои «дафъ кардани қувваҳои нопок» ҳазориспанд дуд мекарданд ва дар гирди барзаговҳо мегардониданд. Одатан барзаговҳо, ки тамоми зимистон парвариш ёфта буданд, дар рӯзи аввал камтар кор фармуда мешуданд.

Яке аз маросимҳои ба фасли баҳор ва ҷашни Наврӯз талуқдоштаи деҳа суманакпазӣ мебошад. Ташкилдиҳандагони ин маросим занонанд. Аҳли Сарчашма суманакро ба тарзи зерин тайёр мекунанд: дар зарфҳои ҳамвор гандум сабзонда мешавад, бо ёрии ҳамсоязанҳо ва хешу табор гандуми сабзидаро дар зарфи махсус мекӯбанд ё аз дастгоҳи гӯштқимакунӣ мегузаронанд ва шарбати онро ҷудо месозанд. Суманакро рӯзи чоршанбе мепазанд. Дар вақти ба дег андохтани ширaи гандум яке аз занони куҳансолу муътабари деҳа шамъ афрӯхта «Арвоҳи Момоҳавою Одамато мададгор шаванд, дасти ман не, дасти Бибифотимаю Бибизӯҳро, Худо муродталабҳода мурод тияд, пирода имон тияд, сафарҳо бехатар шава, замоно тинҷ шава» – гӯён дуо мекунад. Ҳама баробар даст ба рӯй мекашанд. Пас аз пухтани суманак як қисми онро ба ҳамсоя ва хешу табор медиҳанд, қисми боқимондаашро дар давоми сол худашон истеъмол мекунанд. Тайёр кардани суманак савоб ҳисобида мешавад. Суманакпазии аҳли Сарчашма низ аз дигар деҳаҳо фарқ мекунад. Зеро суманаке, ки дар деҳаи Сарчашма омода мегардад, дар давоми як сол ва ҳатто зиёдтар аз он сифати худро тағйир намедиҳад ва онро мардум бо камоли майл истеъмол мекунанд. Мувофиқи ақидаи мардум дар маросими суманакпазӣ ғамгин будан нашояд. Гуё дар вақти суманакпазӣ, агар инсон ғамгин бошад, сӣ малоика ин ҳолатро ба ҳисоб мегирифтаанд ва он шахс то мавсими суманакпазии дигар рӯйи шодиро намедидааст. Дар оилаҳое, ки касе аз наздикон вафот карда бошад, тӯли як сол суманак тайёр карда намешавад. Зеро ин маросими хурсандист. Маросими дигар «Сустхотун» мебошад, ки ҳоло танҳо дар хотираҳои куҳансолон боқӣ мондааст. Ин маросим одатан солҳои камбориш ва сербориш гузаронида мешуд.

Иди Наврӯз дар деҳаи Сарчашма то солҳои 30-юми асри XX гузаронида мешуд. Баъд фақат номи Наврӯзро медонистему дар амал не. Он пас аз нимаи дуюми солҳои 80-ум шукуҳи нав пайдо кард. Дар Сарчашма Теппаи Калон ном мавзее ҳаст, ки гӯё табиат барои гузаронидани ҳамин гуна чорабиниҳо офарида бошад. Ҳоло Наврӯз дар ҳамин ҷой баргузор мегардад. Ҷашн бо иштироки аҳолӣ гузаронида мешавад, дар он дастаи ҳаваскорони деҳа бо барномаи консертӣ иштирок мекунад. Мусобақаҳои варзишии шашка, шоҳмот, ресмонкашӣ, сангбардорӣ низ дар байни ҷавонон ташкил карда мешаванд. Ҳалим ва палав омода мекунанд.

Наврӯз дар мактаби деҳа бо ҳашамати хос ҷашн гирифта мешавад. Дар асоси дастури махсус намоиши озмунҳои беҳтарин рӯзномаи деворӣ, расми беҳтарин гузаронида мешавад ва ғолибон то рӯзи баргузории иди Наврӯз муайян мегарданд. Рӯзи ҷашн намоиши дастархони наврӯзӣ бо орoиши «ҳафт син» ва «ҳафт шин», суолу ҷавоб аз саволнома оид ба Наврӯз, суруди беҳтарин, бозиҳои варзишӣ гузаронида шуда, синф ва хонандагони ғолиб бо «Ифтихорнома» ва дигар мукофоти хотирмон сарфароз гардонда мешаванд.

**Баҳром ЧОРШАНБИЕВ,**
**собиқ омӯзгори мактаби рақами 57-уми ноҳияи Шаҳрисабз.**

***Наврӯз қадимтарин ҷашн аст, ки то ҳол онро миллионҳо нафар дар ҷаҳон таҷлил мекунанд. Фарорасии соли нав ва фасли баҳор на танҳо дар Осиёи Марказӣ, балки дар Ховари Миёна, Қафқоз, Балкан ва ҳатто дар Россия ва Хитой ҷашн гирифта мешавад.***

***Ин ҷашни бузург рамзи ҳамбастагии инсон бо табиат буда, онро дар рӯҳияи дӯстӣ, сулҳ ва оромӣ ҷашн мегиранд. Аз соли 2009 Наврӯз ба рӯйхати мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО шомил шуда, аз соли 2010 иди байналмилалӣ эълон гардид.***

***Мо хусусиятҳои ҷолиби ҷашни Наврӯзро, ки барои кишварҳои гуногун хосанд, ҷамъ овардем.***

## НАВРӮЗ: ДАР КУҶО ЧӢ ХЕЛ ҶАШН МЕГИРАНД?

**ТОҶИКИСТОН**

Дар ин мамлакат ин рӯзи эҳтиром ва омурзиши гуноҳҳо, одамон ҳама ғаму ғуссаро фаромӯш, аз фарорасии баҳор ва бедории табиат шодӣ мекунанд. Дар ин давра корҳои кишоварзӣ оғоз меёбанд.

Дар ҳама ҷо чорабиниҳои гуногун баргузор мешаванд, масалан, гӯштии миллӣ ва бозиҳои бузкашӣ. Мардум дастархони пурнозу неъмат мероянд ва хӯроки асосӣ, суманак мепазанд. Инчунин муҳим аст, ки ҳафт хӯрок бо ҳарфи «син» дар мизи идона ҳузур дошта бошанд. Ҳамаи онҳо рамзҳои махсус доранд.

**ҚАЗОҚИСТОН**

Дар Қазоқистон ин ид Наурыз ном дорад. Қазоқҳо инчунин боварӣ доранд, ки шумо ҳар қадар идро саховатмандона ҷашн гиред, ҳамон сол ҳамон қадар муваффақ шуда, фаровонӣ мегардад. Мисли дигар кишварҳо, тозакунӣ аҳамияти калон дорад. Дар арафаи ид пирамарди ришдори сафед Қыдырата сайругашт мекунад, ки ӯ ҳатман саъйи одамонро мебинад.

Хӯроки асосии ҷашн дар Қазоқистон Наурыз коже аст. Шарти асосии тайёр кардани он мавҷудияти ҳафт ҷузъ аст: гӯшт, об, ғалла, равған, намак, орд ва шир.



Рақами ҳафт чун анъана дар таҷлили Наврӯз нақши муҳим мебозад ва қазоқҳо инро фаромӯш намекунанд. Боздид аз ҳафт хона ва даъват кардани ҳамон миқдор одамонро фоли нек мешуморанд.

**ҚИРҒИЗИСТОН**

Дар Ноорузи Қирғизистон сумолок аз гандуми сабзида, орд, ширинӣ ва чормағз омода мешавад. Компонентҳоро дар деги калон омехта мекунанд ва сангҳои хурдро ба поён мепартоянд, то ки сӯзондани табақ пешгирӣ карда шавад. Пас аз пухтупаз, онҳо бароварда мешаванд ва агар касе сангро ёфт ният мекунад.

Инчунин, дар Қирғизистон боварӣ доранд, ки агар дар рӯзи ид барф борад, ин нишонаи хуб аст. Ранги сафед умуман нақши махсус дорад. Ҳатто зебоиҳои қирғизро ба барфи сафед дар Нооруз муқоиса мекунанд ва рӯйи мизҳо рӯйпӯшҳои сафед мегузоранд.

**ТУРКМАНИСТОН**

Дар Туркманистон идро Наврӯз меноманд ва хӯроки асосии он семени мебошад. Бузургтарин ҷашнро дар водии доманакӯҳи Ахала мегузаронанд, ки дар он намоишгоҳҳо, лаҳвҳои миллӣ ва тантанаҳо баргузор мешаванд.

Намоишгоҳи қолинҳои миллӣ, ки дар он шумо шоҳкориҳои воқеии қолинбофии муосирро мебинед, ҷои махсусро ишғол мекунад.

Ва шом онҳо оташ меафрӯзанд, ки дар он ҳама мушкилот ва нохушиҳо месӯзанд.

Таҳияи
**ФАРАҲМАНД.**

# НАВРЎЗ РЎЗИ ШОДИСТ

Наврўз аз куҳантарин ҷашн ва оинҳоест, ки то ба рўзгори мо бо фарру шукўҳи зиёди худ барҷо монда, ҳар сол бо шодмонӣ ва тантанаҳои афзун пешвоз гирифта мешавад.

Сокинони кишвари азизамон Наврўзи ҷаҳонафрўзро дар фазои осудаву ороми сиёсӣ бо шукўҳи бузург ҷашн мегиранд. Бо шарофати истиқлол он домани густурда пайдо карду ба тамоми олам роҳ ёфт ва ба як ҷашни бузурги байналмилалӣ табдил гардид. Қарори Шўрои 64-уми Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид аз 26 феврали соли 2010 дар бораи дар сатҳи ҷаҳонӣ таҷлил намудани Наврўз бояд мояи ифтихори ҳар яки мо бошад. Ангуштшуморанд чорабиниҳое, ки ба як ё чанд халқу миллат мансубанду баъдан ба доираи васеъ роҳ ёфта, ба ифодаи дигар байналмилалӣ шудаанд. 15 сол аст, ки аксари кишварҳои олам пайи татбиқсозии қарори Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид бо ҳусни таваҷҷуҳи зиёде Наврўзро таҷлил менамоянд.

Бобати таърихи пайдоиш ва моҳияти суннатҳои наврўзӣ Берунию Фирдавсӣ, Хайёму Манучеҳрӣ ва дигар бузургон осори зиёде ба мерос гузоштаанд. Ва имрўз шоиреро пайдо кардан мушкил аст, ки ба Наврўз шеъре нагуфта бошад. Эҷодиёти шифоҳии мардум низ истисно нест. Дар Ўзбекистони соҳибистиқлол ба ҷашнгирии Наврўз имконоти боз ҳам бештаре муҳайёст, то онро бошукўҳ пешвоз бигирем.

Чанде пеш маҷаллаи «Ошно» (чопи Эрон, шумораи чаҳорум, соли 1371, 1992-юми милодӣ)-ро мутолиа намудам. Ин ҷо мухтасари «Наврўзнома»-и Хайём ва маводи зиёде аз Беруниву Фирдавсӣ, Дақиқиву Манучеҳрӣ ва дигарон оид ба Наврўз нашр шудаанд. Тасмим гирифтем, ки бо такя ба маводи он таърихи пайдоиш ва омилҳои гиромидошти Наврўзро ба хонанда пешкаш намоем.

Дар гузаштаи дур Наврўзро дар ду бахш мегузарониданд: Наврўзи ҳамагонӣ ва Наврўзи хоса.

Наврўзи ҳамагонӣ, ки бо номҳои Наврўзи хурд ё Наврўзи сағир машҳур аст, маҳз ҳамин ҷашнест, ки мо имрўз пазиро мешавем. Ба қавли Абурайҳон Берунӣ Наврўз «нахустин рўз аст аз фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат рўзи нав ном карданд, зеро ки пешонии соли нав аст. Ва он чӣ аз паси ўст аз ин панҷ рўз ҳама ҷашнҳост.»

Нахуст рўзи фарвардинмоҳ мутобиқ аст ба лаҳзаи расидани хуршед ба нуқтаи аввали бурҷи ҳамал ва оғози баҳор. Оммаи мардум танҳо панҷ рўзи аввали фаровардинмоҳро ҷашн мегирифтанд. Ҷашнгирии Наврўз одатан берун аз хонаҳо дар оғўши табиат, дар ҷойҳои кушод баргузор мегардид.

Наврўзи хос – Наврўзи бузург низ гўянд, аз рўзи шашуми фарвардин, яъне аз хурдодрўз оғоз мешавад, ки бисёр муқаддас буд. Ҳамчунин ин ҷашн миёни суғдиён ва хоразмиён барпо мегашт ва аз миёни расм (одат, оин)-и порсиён, ки дар ин маврид дар Бухоро ривоҷ дорад, он аст, ки ҳалқаҳои гул ва барг бар сари сутунҳо, ки айвони хонаҳо бар он ниҳода шудааст, мегузоранд.

Дар ин рўз мардум ба якдигар об мепошиданд, муътақид буданд, ки чун Ҷамшед ба ҳукмронӣ расид, борони фаровон борид ва мардум онро ба фоли нек гирифтанд.

Пайдоиши Наврўзро ба Ҷамшед нисбат медиҳанд. Донишвари бузург ва рубоисарои беназир Умари Хайём оид ба пайдоиши Наврўз дар «Наврўзнома» овардааст: «Сабаби ниҳодани Наврўз он будааст, ки чун бидонистанд, ки офтобро ду давр буда, яке он ки ҳар сесаду шасту панҷ рўз ва рабъе аз шабонарўз ба аввали дақиқаи ҳамал боз ояд. Ба ҳамон вақт ва рўз, ки рафта буд, бад-ин дақиқа натавонад омадан. Чӣ ҳар сол аз муддат ҳаме кам шавад ва чун Ҷамшед он рўз дарёфт, Наврўз ном ниҳод ва ҷашни ин оин овард. Пас аз он подшоҳон ва дигар мардумон бад-ў иқтидо карданд.»

Фирдавсӣ чигунагии ҷашн ва оини наврўзиро аз ҷониби Ҷамшед ба риштаи назм овардааст:

*Ба фарри каёнӣ, яке тахт сохт,*
*Чи поя бад-ў гавҳар андар нишохт.*
*Ки чун хостӣ, дев бардоштӣ,*
*Зи ҳомун ба гардун барафроштӣ.*
*Чу хуршеди тобон миёни ҳаво,*
*Нишаста бар ў шоҳи фармонраво.*
*Ҷаҳон анҷуман шуд, бар он тахти ў,*
*Шигифте фурў монд аз бахти ў.*
*Ба Ҷамшед бар гавҳар афшонданд,*
*Мар он рўзро – рўзи нав хонданд.*

Суоле пеш ояд, чаро Наврўзи Аҷамро ба ин ҳашамату бузургӣ гиромӣ дорем? Ба ин суол низ аз осори бузургон посух мегирем:

1. Наврўз рўзи оғози офариниш аст. Абурайҳон Берунӣ менависад: «Эътиқоди порсиён андар Наврўз нахустин он аст, ки аввали рўзист.Он замон ва бад-ў фалак оғозид. Гўянд, ки дар ин рўз Худои таъоло оламро офарид ва ҳам ҳафт кавкаб дар авҷи тадвир (чархзанӣ) буд ва дар ин рўз ҳукм шуд, ҳама ба сайру давр дароянд», яъне дар ин рўз олами ҳастӣ офарида шуд.

2. Наврўз рўзи пайдоиши одам аст. Ривоят мекунанд, ки дар моҳи фарвардин рўзи хурдод Аҳуро (Аҳурамаздо – худои зардуштиён – **Ў.Р.**) ҷон ба ҷаҳониён додааст. Одам рўзи Наврўз офарида шудааст. Ба ақидаи эронинажодони қадим Каюмарс (дар баъзе манобеъ Гаюмарс) нахустин инсон аст, ки дар аввали моҳи ҳамал ба олами ҳастӣ омад. Тибқи таълимоти зардуштиён Каюмарс аввалин мавҷуди башарӣ буда, аз гил офарида шудааст. Ва ўро Гилшоҳ мегуфтанд, зеро подшоҳи аввалин аз гил буд. Фирдавсии суханофар низ зуҳури Каюмарсро ба Наврўз пайванд медонад:

*Чунин гуфт, к-оини тахту кулоҳ,*
*Каюмарс оварду ў буд шоҳ.*
*Чу омад ба бурҷи ҳамал Офтоб,*
*Ҳамон гашт бар фарру оину об.*
*Битобид з-он сон зи бурҷи бара,*
*Ки гетӣ ҷавон гашт бар яксара.*

3. Наврўз рўзи падид омадани равшанӣ аст. Масъудӣ менависад: »Ҷам нахустин шоҳе буд, ки оини оташро барқарор кард ва ба мардум гуфт, ки оташ шабеҳи нури хуршед ва ситорагон аст. Маънои вожаи «ҷам»-ро чун рўшноӣ ва«шид»-ро дурахшон эзоҳ додаанд. Дар осори Берунӣ мехонем: »Ҷам бар тахти заррин нишаст ва чун нури хуршед ба ў афтод, мардумон ўро диданд ва таҳсин карданд. Шодмон шуданд ва он рўзро ид гирифтанд. »Ҷам дар он рўз ҳамчун хуршед зоҳир шуд ва нур аз ў метофт, ба таври ки монанди хуршед медурахшид. Мардум аз баромадани ду хуршед дар шигифт шуданд. Ҳама дарахтони хушкида сабз гаштанд, он гоҳ мардум гуфтанд: «Рўзи нав». Ба ин маънӣ Наврўз ҷашни баҳорӣ ва таҷдиди ҳаёти табиист.

4. Наврўз рўзи вусъат ёфтани Замин аст. Абурайҳони Берунӣ таъкид доштааст: «Шумори мардумон дар замин афзун шуда буд, Ончунон ки ҷо барои онон танг шуд. Пас Худо се бор заминро аз он чӣ буд, густурдатар кард.»

5. Наврўз рўзи таҷдиди оини яздонпарастон ва муншаҳои яктопарастӣ буд. Аз ин ҷиҳат бузургтарин ҷашни эзидӣ шумурда мешавад, яъне ҷашни худопарастӣ, эътиқод ба худои ягона. Дар осори Берунӣ мехонем: «Ин ҷашн ба ёдбуди рўзе барпо гашт, ки Ҷамшед ба таҳкими дини маздоӣ пардохт. Динро таҷдид кард ва ин кор дар Наврўз анҷом шуд».

6. Наврўз рўзи шодист.

Табарӣ навиштааст: «Ҷамшед дар Наврўз ба мардум фармон дод, то ба истироҳату хурсандӣ бипардозанд ва бо мусиқӣ ва май шодмонӣ кунанд». Дар ҷашни наврўзӣ дасторхони идона густурда мешуд ва имрўз низ густурда мешавад, ки бо ҳафт намуд хўрока ороста мегардид ва мегардад. Бештар хўрокиҳое омода мешуданд, аз биринҷу мош ва сабзаҳои гуногун буданд. Хурсандиовар аст, ин анъанаҳо то ба рўзгори мо ба пуррагӣ барпо монда, дар вазъи кунунии Ўзбекистони соҳибистиқлол боз ҳам таровату тобишҳои наве пайдо намудаанд. Ҷашни наврўзӣ дар кишвари мо ҷашни шодиву хуррамист.

Ин ҳама эҳсосоти наврўзиро Умари Хайём дар «Наврўзнома» хеле хуб инъикос кардааст: «Ҳар кӣ рўзи Наврўз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ пайвандад, то Наврўзи дигар умр дар шодӣ ва хуррамӣ гузорад».

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# НАФАСИ НАВРЎЗ БА ВОҲАИ СУРХОН ҲАМ РАСИД




Наврўз ҷашни зебо ва бостонист, ки бо фаро расидани баҳори нав ва эҳёи табиат таҷлил карда мешавад. Ин ҷашн рамзи покизагӣ, навсозӣ ва сарчашмаи умед баояндаи нек мебошад. Наврўз таърихи қадимӣ дорад ва тўли асрҳои зиёд дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон таҷлил мегардад. Шоҳи афсонавии Эрон – Ҷамшед бунёдгузори Наврўз дониста мешавад, ки тибқи ривоятҳо, дар ин рўз ба тахт нишаст. Аз ин рў, онро «Наврўзи Ҷамшедӣ» низ меноманд. Бо гузашти асрҳо, Наврўз на танҳо ҳамчун ҷашни миллии тоҷикон боқӣ монд, балки ба як ҷашни байналмилалӣ табдил ёфт. Соли 2010 Созмони Милали Муттаҳид Наврўзро ҷашни ҷаҳонӣ эътироф кард. Дар Ўзбекистон ва дигар кишварҳое, ки Наврўз ҷашн гирифта мешавад, мардум пеш аз фарорасии он хонаҳоро тоза карда, дастархонҳои идона меороянд, либосҳои нав мепўшанд. Яке аз муҳимтарин рамзҳои Наврўз «ҳафт син» ва «ҳафт шин» мебошад, ки ҳар кадом маънои махсус доранд. Дар ин рўз таомҳои анъанавӣ, аз ҷумла суманак, ширбиринҷ, оши бурида ва дигар хўрокҳои лазиз омода карда мешаванд. Бозиҳои миллии Наврўзӣ, аз қабили гўштӣ, бузкашӣ, аспдавонӣ ва пойга ба ҷашн шукўҳи хос мебахшанд.

Наврўз моро ба ваҳдат, дўстӣ ва ҳамдилӣ даъват мекунад. Ин ҷашн на танҳо оғози соли нави шамсӣ, балки рамзи ҳамгироии инсоният бо табиат ва арҷгузорӣ ба фарҳангҳои бостонӣ мебошад. Бигзор Наврўзи оламафрўз ба хонадонҳои шумо нуру баракат оварад! Шоир Ҷаъфари Муҳаммад мегўяд:

*Эй ёри баҳоройин, Наврўз муборак бод!*
*Парвардаи фарвардин, Наврўз муборак бод!*

**Зулбибӣ ИСКАНДАРОВА,**
**донишҷўйи соли 3-юми Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**

ПАЙВАНД

# ДУНЁ БА УМЕД




Шояд таърихи инсоният чун тоҷику ўзбек, ду миллати чунин ба якдигар қарину омехтаро надида бошад. Зеро, расму ойин, дину мазҳаб, тарзи либоспўшӣ, суру мотам, муроот ба маъракаҳои таваллуд ва ҷанозаи эшон тафриқае надорад, як сон аст. Ба ин нисбат аксар бар он андешаанд, ки онҳоро ислом чунин муттаҳид кардааст. Камина низ дар ҳамин бовар будам. Лекин баъд аз ҷанге, ки Исроил 7-уми октябри соли 2023 бар зидди Фаластин сар кард, фикрам тағйир ёфт: яъне гап чандоне, ки бар онем, дар дину мазҳаб ҳам набудааст...

Аз ин ваҷҳ, дар боби ҳамдилию ҳамбастагӣ ва хешутабории тоҷикону ўзбекҳо ин фикр ба сарам омад: решаи дўстии ин ду бародархалқ дар ирсияти онҳост, ки аз обу ҳавои Мовароуннаҳр маншаъ мегирад. Мисли нони Самарқанд, ки дар дигар муҳит чунин зебо намеояд.

Чун гуфторамон дар атрофи рўзгори як истаравшании тошкандӣ мечархад, аз таърихи равобити Истаравшану Тошканд (ҳеҷ набошад) аз равзани топонимҳо мебояд, чанд сухан гуфт. Ин ду шаҳр дар «Роҳи абрешим» тақрибан дар як давр таъсис ёфта, борҳо ном дигар намудаанд. Чунон ки Тошканди асрҳои VIII-X Шош ном дошт. Пешрафти илму ҳунари он даврро дар тимсоли Ҳазрати Имом Қаффоли Шошӣ (904-975), ки баъди хатми мактабу мадрасаи зодгоҳаш, дар Бухорову Ҳироту Тирмиз ва Бағдод таҳсил карда, ба Тошканд мазҳаби Шофеъиявро овардааст, метавон муоина кард, ки алҳол маҳаллааш «Ҳазрати Имом» (Ҳасти Имом) мусаммо ба номи ўст.

Чоч ном гирифтани Тошканди асри XII аз тахаллуси шоири тоҷик Фахруззамон Бадри Чочӣ (1285-1351) низ ҳувайдост. (Маълумоти муфассал дар «Овози тоҷик», 11.01.2022)

Топонимҳои Истаравшан ҳам калиди қулфкушои таърихи ўст.

Воқеан, Истаравшан, ба мисли Тошканд, дар тўли таърихи қариб сеҳазорсолаи худ аз дасти аҷнабиён чандин бор ба хок яксон, аҳолиаш сарсон шуда бошад ҳам, дар майдони таърих дубора қад рост кардааст, ки далели далерии мардумаш ва рамзи худоназаркардагии ин диёри хушбӯду ҳавост. Дар ин давроне, ки аҳли олам аз танқисии об дар азобанд, оби маъдани «Зулол»-и Истаравшан, ба сифати покизатарин об, ба ивази асъор ба мамлакатҳои хориҷӣ содир мешавад.

Бино ба сарчашмаҳои таърих Чочу Усрушон ҳамчун як вилояти мухтори Сомониён, тахти роҳбарии Яҳё ибни Сомонхудот хеле равнақ ёфтааст. Ин давр замони гулшукуфти Чочу Истаравшан буд. Ҳазрати Имом Қаффоли Шошӣ, ки қаблан ёдовар шудем, ҳангоми шогирди падар будан қуфле сохтаанд, ки 0,5 грамм вазн доштааст.

***

Дар охирҳои даврони Шўравӣ, ислоҳоти «Хусусигардонии моликияти давлатӣ» ба амал омада, номи бисёр корхонаю муассисаҳо тағйир ёфтанд. Аз он ҷумла, номи қаҳвахонаи «Буратино»-и воқеъ дар паҳлўйи хиёбони марказии Тошканд, ки «Сквер» мегуфтанд, ба «Истаравшан» табдил ёфта, бо таомҳои арзону лазизаш, махсусан ходимони ҷавони идораи радио ва матбуоти Ўзбекистонро, ки ҷойи корашон наздик аст, ҷазб карда буд.

Камина, ҳамчун ходими ҷавон ва каммаоши «Ҳақиқати Ўзбекистон», мизоҷи ҳамешагии ин қаҳвахона будам ва ҳар боре, ки меомадам, дар атрофи номи «Истаравшан» фикр карда, гаҳе болидахотиру гоҳе дилғаш мешудам. Болидахотирӣ аз соҳиби ин қаҳвахона буд, ки аз таърихи дар замони Сомониён як вилоят будани Чочу Усрушон воқиф будааст. Сабаби хавотирӣ бошад, аз муносибатҳои Ўзбекистону Тоҷикистон маншаъ мегирифт, ки он замон ниҳоят «муташанниҷ» гардида буд.

Дар чунин як вазъи номақбул дар маркази пойтахти Ўзбекистон пайдо шудани номи «Истаравшан», ки топоними қадимаи шаҳри Ўротеппаи Тоҷикистон аст, агар барои баъзеҳо рамзи ифтихор бошад, ба баъзеи дигар хори чашм буд ва метавонист нохушие бор оварад. Аз ин ваҷҳ соҳиби «Истаравшан» дар тасаввурам ҳамчун бомаърифаттарин тоҷики тошкандӣ муҷассам мегардид. Ин буд, ки майли ошноӣ бо ў, то рафт боло мегирифт.

**ЛАВҲА.** Як рўз, баъди тановули хўроки пешин, дар назди даромадгоҳи «Истаравшан», тасодуфан гувоҳи як манзараи ҷолиб шудам. Аз дари қафо як марди сиёҳабрў, хушқомате (баъд донистам), ки масъули ҳамин ошхона будааст, берун омада, ба гирду атроф синчкобона назар андохт. Сипас, ба даромадгоҳ, ки он ҷо анбўҳи одамон ба навбат меистоданд, наздик омад.

Дар муқобили қатори мунтазирон нафаре сари ду по маъюсона рост меистод. Аммо касеро ноором намекард, садақа намепурсид.

Аҷиб он буд, ки баробари дидани он «марди сиёҳабрў» чеҳраи ў кушода шуд.

Гумон доштам, ки ўро аз дами дар меронад. Вале гумонам ботил баромад.

Баръакс ў ба он маъюси бечора илтифот намуд...

Ўро бори дуюм, ҳангоми ҷашни «Рўзи матбуот» андаруни толори махсуси «Истаравшан» дидам, ки мо – ходимони «Ҳақиқати Ўзбекистон»-ро бо камоли меҳр, хайра мақдам гуфта, ба тоҷикӣ табрик намуд. Ин шахс Муродҷон Махсудов будааст...

**ҲАМКОРӢ.** Баъд аз соли 2008, ки масъулияти роҳбарии Маркази фарҳангии тоҷикони Тошканд – «Ориёно» бар дўшам афтод, дасткушодию саховатпешагиҳои ўро зиёд дидаам. Аз ҷумла, дар фаъолияти «Ориёно», ки ҳамчун ташкилоти «нодавлатию нотиҷоратӣ», ҳеҷ гуна манбаи даромади молӣ надошт.

Баъд аз он ки Муродҷон Махсудов узви раёсат, ҷонишини раиси «Ориёно» интихоб шуд, пешниҳод кард, ки барои ҷоннок намудани фаъолияти он рўйхати тоҷикони сармоядору бомаърифатро мураттаб намоем ва ба ҳар кадоми онҳо бо мактуб муроҷиат карда, масъалаи ба сурат-ҳисоби «Ориёно» гузаронидани маблағ аз даромади корхонаашонро дар миён гузорем.

Фикр, ки қобили қабул буд, ба зиёда аз 40 нафар тоҷикони машҳури Тошканд мактубҳои доманадор навиштам. Дар байни онҳо ходимони ташкилотҳои давлатӣ, роҳбарони корхонаю муассисаҳо, тадбиркорон, директорони фурўшгоҳҳои азим низ буданд. Мутаассифона, ин таҷриба, ки давроне ба равшанфикрони ҷадид, барои таъсис додани рўзномаи «Бухорои шариф» ва иловаи ўзбекиаш – «Тўрон» кўмаке расонда буд, ба мо заррае нафъ наовард. Ҳатто, ҷавобе наомад.

«Тоҷикони навбой» аз «русҳои навбой» фарқ надоштаанд. Онҳо ҳам зери таъсири ғояҳои дигар аз ифтихори миллии худ дур гаштаанд.

Агар ҳамон ибтикор дастгирӣ меёфт, шояд имрўз дар Тошканд курсҳои омўзиши забони форсӣ-тоҷикӣ, ҳадди ақалл як дастаи ҳунарӣ, ё филармонияи тоҷикӣ ва ҳатто мактаби тоҷикӣ амал мекард.

Зеро он солҳо ва имрўз ҳам, дар тамоми таълимгоҳҳо, хоҳ миёна ва хоҳ олӣ, дар вазорату ташкилот, ВАО, театр, институтҳои тадқиқотӣ, заводу фабрикаҳо тоҷикони болаёқат буданду ҳастанд. Далели чунин даъво ба ҷуз он, ки худ гувоҳем, санади расмии Кумитаи давлатии эҳсоия дар соли 2007 буда метавонад, ки мутобиқ ба он ҳудуди 10 фоизи аҳолии Тошкандро (285 ҳазор нафар) тоҷикон ташкил мекарданд.

Чанд фурсат дар утоқи кории ў, ки дар шафати Маркази савдои пойтахт (СУМ) ҷойгир аст, суҳбати кўтоҳе доштем. Моҳияти он бурду бохти «Ориёно» буд.

Поёни суҳбат, ки чандон хушоянд набуд, барои таскини дил аз китоби олими олмонӣ Адам Метс («Ренессанси исломӣ») мисол оварда гуфтам, ки дар аҳди Сомониён ченаки баҳодиҳӣ ба дараҷаи сарватмандию дороии шаҳрвандон бино ба маърифат, теъдоди китобу китобхонаҳои одамон будааст, на молу мулки эшон...

Чун ин фикрро шунид, рўзномаи «Овози тоҷик»-ро болои миз гузошт. Сипас, чашм ба ҷевони китобҳояш дўхта, гуфт:

«Дунё ба умед. Иншоаллоҳ мо ҳам ба чунин рўзҳо мерасем...»

Вале аз чашмонаш маъно гирифтам, ки ранҷҳояш аз ганҷҳои ў ба маротиб зиёдаанд. Ранҷ аз бефарқии ҳамзабонони сарватманди айём, ки барои моли дунё забон ва муқаддасоти миллиро бохтаанд.

Ҳаққо, ки саъю кўшишҳои М. Махсудов, бобати обунаи рўзномаи «Овози тоҷик», нашри китобҳои тоҷикӣ, тадбирҳои «Ориёно» ва ғайра болотар аз ҳама гуна таърифу тавсифанд, ки ҳаргиз миннат накардаасту намекунад.

Муродҷон кайҳост, ки дар Тошканд, натанҳо ба сифати тадбиркори ҳалолкор, пазандаи моҳири таомҳои миллӣ шуҳрат ёфтааст, боз бо одоби муошират, хислати зебо, фазилати фурўтанӣ, меҳмоннавозии тоҷикона низ дар шумори касони баобрўст. Аз ташрифи дипломатҳои олирутба, адибони машҳур, ҳофизони хушилҳон, собиқ вазирону сенаторон дар маросиму маъракаҳояш ба чунин хулоса расидаам. Нисбати ў китобу мақолаҳо низ табъу нашр шудаанд.

Барҳақ, Истаравшан – марзи мардхез, шаҳри шоирон, диёри созандагону пазандаҳост. Ҷойи ифтихор аст, ки Зуфархон Ҷавҳариаш дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ «Халлоқулмаъонии туркистонӣ» тавсиф шудааст, шоир Ноил Шерзода, аз зумраи аввалин нависандагони «Овози тоҷик» буд.

Қобили тазаккур аст, ки таърих нафақат иборат аз ҷангҳо ва воқеаю ҳодисаҳои табиист, ҳаёти ҳар як шахс низ таърихест, ки аз он метавон панд омўхт. Рўзгори қаҳрамони мо аз ин мустасно нест.

Вай имрўз аз одамони баобрўйи Тошканд аст. Сарфи назар аз ин, дар маҷлисе шунидам, ки мегуфт: «Қиблагоҳам «сибирчӣ», одами ёбанда буданд, оилаамон муҳтоҷ набуд. Аммо ман, аз 6 солагӣ, мустақилона ба тиҷорат даромадам. Шарм намедоштам, ки «Оби Ҳазрати Шо! Ба ҳама дард даво!», – гуфта дар бозори Ўротеппа об мефурўхтам. Солҳои мактабхонӣ аробакашӣ кардам. Баъди ба Тошканд омадан шабона мехондам, рўзона дар сохтори «хўроки умумӣ» машғул будам.

Мавсуф аз соли 1963 дар ҷамоаи «Главташкентстрой» ба сифати ходими савдо, пазанда ва сарошпази ошхона кор карда, обрў меёбад... Таълими ғоибона ва худомўзии ҳамешагии мустақилона ўро ба шоҳроҳи зиндагӣ даровардааст.

Қаҳвахонаи «Буратино» маҳз туфайли роҳбарии ў дар Тошканд ангуштнамо шудааст. Тағйири номи он ба «Истаравшан» шуҳрати Муродҷон Махсудовро то ба ҳадде боло бурд, ки таърифаш, ҳамчун бедордили пурмаърифат, шодобгари дарахти дўстии ўзбеку тоҷик аз Тошканд то ба Душанбе расид.

**ЗАМИМА.** Шаҳраки Ғончии кунунӣ аз қадим марбути Истаравшан будааст.

Баъдтар, эҳтимол пас аз соли 1866, ки русҳо Ўротеппаро хароб карданд, истаравшаниҳо ба Ғончӣ, Эшонкўрғон ва дигар рустоҳои ободтар кўчидаанд. Ин ақида танҳо дар забонҳост. Далели расмӣ надидаам. Аммо, медонам, ки калонсолон ҷойи бинои матбааи ин ноҳияро «Боғи Эшони Ҳоҷӣ», майдони автоистгоҳу «Чойхонаи Абдусамад Қодиров»-ро «Боғи Отахонтўра», ҷойи шифохонаи ноҳиявӣ ва дигар биноҳои хусусӣ, то деҳаи Қалъаи Эшон (Эшонкўрғон)-ро «Боғи эшонҳо» меномиданд.

Топоними «Файзобод» низ мисли тилисм мавҳум, муҳтоҷи кашф аст. Гап дар он, ки қабристони маҳаллаи Файзободи Ғончиро зоеъин «Мазори эшони Ҳоҷӣ» меноманд. Чун мақбараи эшон дар пешгаҳи мазор ҷойгир буда, номи ин маҳалла Файзобод аст, онро аз файзи Эшони Ҳоҷӣ медонанд. Гўё ки муассис ва номгузори Файзобод бузургворони гузаштаашон ва ё худи Эшони Ҳоҷӣ будаанд. Гумон меравад, ки хонадони Эшони Ҳоҷӣ (Саид Аҳмадхоҷа эшон) баъди «ҷанги урус» аз Ўротеппа ба Ғончӣ нақли макон кардаанд. Ҳароина, мавсуф шахсияти пурдони саховатпеша буда, пеши умаро шахсияти обрўдор буданд. Амир Умархон муридони аз Ўротеппа ба асирӣ гирифтаашро дар асоси мактуби Эшони Ҳоҷӣ, дар Шаҳрихон замин дода, номи он маҳалларо «Ғончиюз» гузоштааст. Пас аз инқилоб кушода шудани аввалин мактаби ҷадидӣ дар хонаи Эшони Ҳоҷӣ низ далели бузургвориашон хоҳад буд.

Хулоса, пўшида нест, ки саргузашти ҳар инсон ҷузъе аз таърих аст. Яъне ҳар кадоми мо офарандагони таърихем, бахусус инсонҳое чун Муродҷон Махсудов.

**Маъруф ОТАХОНЗОДА,**
**Рўзноманигори шоистаи Ўзбекистон.**

## МАРДИ ХУДО

***(Барои Мурод МАХСУДОВ)***

*Ин чарх зи рўзи азал айвони сафо нест,*
*В-ин даҳр аз аввал маҳали меҳру вафо нест.*

*Чун Мавлавӣ мо низ басе таҷриба кардем,*
*Як ёри зи миннат тиҳӣ дар дори фано нест.*

*Оне, ки ба дармондагӣ ояд пайи имдод,*
*Аз ғайри Худо ё ба ҷуз аз марди худо нест.*

*Дар сурату сират ба яқин марди худоӣ,*
*Дар ину дар онат асар аз ҷурму хато нест.*

*Лутфу караме, к-аз ту расидаст, ба ёрон,*
*Илло ба ривоёту ҳадисе зи сахо нест.*

*Номат ба забоне наравад ҷуз ба накўӣ,*
*Яъне зи ту ғайр аз сухани меҳр раво нест.*

*То ҳастиву бошӣ туву то будаву бошем,*
*Шукронаат андар лаби мо ҳарфи ҷудо нест.*

*Ай унсу ҳабиби ҳама гоҳу дами Паймон,*
*Хуш бош, туро ҳимматам аз ғайри дуъо нест.*

***ПАЙМОН.***

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-328.
Адади нашр 3710. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тўхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тўхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.